*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 51 (12380)
22 декабри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# СММ ташаббуси панҷуми Тоҷикистонро пазируфт

## Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

15.12.2022, шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони азиз!**

Дирӯз, 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми моро дар соҳаи об якдилона бо қабули Қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд.

Тибқи ин Қатънома, **аввалан**, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон карда шуд.

**Дувум** ин, ки аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил карда мешавад.

**Сеюм,** мутобиқи ин қатънома Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряххо таъсис медиҳад.

**Чорум**, соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо баргузор мегардад.

Бовар дорам, ки дар чаҳорчӯби ин Конфронс стратегия, харитаи роҳ ва дигар санадҳои лозимаи байналмилалӣ оид ба татбиқи чораҳои зарурии муштарак дар ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряххо, ҳифзи пиряххо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ таҳия ва тасдиқ хоҳанд шуд.

Тавре ки ба ҳама маълум аст, тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряххо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад. Ман оид ба ин масъала аз минбарҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ борҳо таъкид карда будам.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд.

Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд.

Мо хушҳол аз онем, ки ташаббуси мо бо дарки масъулият аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии ҳаматарафа ёфт.

Бинобар ин, аз фурсат истифода бурда, ба тамоми кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, сохторҳои он ва дигар ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ, ки барои дастгирӣ намудани ин ташаббуси мо дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мусоидат карданд, аз номи худ, Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон сидқан изҳори миннатдорӣ менамоям.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо камоли ифтихор ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ ва муҳим, яъне қабул гардидани Қатъномаи саривақтии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки идомаи татбиқи ташаббусҳои байналмилалии мо дар мавзӯи обу иқлим мебошад, самимона табрик мегӯям.

Бешубҳа, қабули ин Қатънома, яъне ташаббуси панҷуми Тоҷикистон гувоҳи боз ҳам баланд гардидани обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Итминони комил дорам, ки Тоҷикистон дар пешбурди масоили ҷаҳонии обу иқлим ва мавзуъҳои дигари рӯзномаи байналмилалӣ минбаъд низ ба ҳайси кишвари ташаббускор боқӣ хоҳад монд.

НАТИҶАГИРӢ

# «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҷамъбаст гардид

***17-уми декабр дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими тантанавии ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” баргузор гардид, ки дар он намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, ташкилоту созмонҳои эҷодӣ, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, шарикони рушд, муассисаҳои таълимӣ, иштирокчиёни озмун, волидайни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ВАО иштирок намуданд.***

Нахуст, раиси комиссияи озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, муовини Сарвазири мамлакат Сатториён Матлубахон Амонзода суханронӣ намуда, таъкид кард, ки соли чорум аст озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4), хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11), донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои



нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла, тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар) доир мегардад ва муҳимтар аз ҳама, озмуни имсола чеҳраҳои навро муаррифӣ кард.

Имсол озмуни мазкур аз рӯйи 5 номинатсия – адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон ва эҷоди назму наср миёни таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун баргузор гардид.

Ҷамъбасти озмун нишон дод, ки миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4) **дар номинатсияи адабиёти классикии тоҷик** Динора Кароматзода-хонандаи синфи 5-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Данғара соҳиби ҷойи якум, Нозанин Умарова-хонандаи синфи 4-и гимназияи №2-и шаҳри Бӯстон соҳиби ҷойи дуюм, Фариштa Толибова-хонандаи синфи 4-и мактаби хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи дуюм, Иброҳим Алиев-хонандаи синфи 5-и мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи М.Атоеви ноҳияи Сино соҳиби ҷойи сеюм ва Муҳаммадюсуф Шарипов-хонандаи синфи 3-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

*Оне, ки камбуди зиёд дорад, фармонгараш низ зиёд аст.*
*Петрарка*

«Омӯзгор»
№ 51, 22 декабри
соли 2022

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

# Ифтитоҳи бинои нави таълимӣ дар ДДМИТ

**20 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба истифода доданд.**

Бинои нави таълимӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ бо тарҳу лоиҳаи муосир ва бо дарназардошти унсурҳои меъмории миллӣ бо сифати баланд бунёд гардида, аз таҳхона ва 5 ошёна иборат аст.

Ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нав барои 6 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла, озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, маркази бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шӯрои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳамчунин, дар бино ду лифти замонавӣ насб гардидааст.

Зимни шиносоӣ бо имконоти фароҳамгардида дар Озмоишгоҳи таълимии кафедраи фаъолияти гумрукӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгоҳу таҷҳизоти замонавии омӯзишӣ, ки таҷрибаи нахустин дар муассисаҳои олии таълимии мамлакат мебошад, таваҷҷуҳ намуда, истифодаи пурсамари шароити мавҷударо аз омӯзгорону донишҷӯён талаб намуданд.

Дар ин синфхонаи муҷаҳҳази таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои амалии донишҷӯён, аз ҷумла, дастгоҳи навини муоинаи рентгенӣ, камераҳои мушоҳидавӣ, роҳравҳои сурху сабзи ишоратӣ дар хати сарҳад, металло - детектор, монитор ва дигар воситаҳои таълимии соҳавӣ гузошта шудааст.

Донишҷӯён имкон доранд, ки дар ин синфхона дар асоси татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия бо фаъолияти гумрукӣ бештар ошно гардида, ҳамчун мутахассис оянда кору фаъолияти босамар намоянд.

Бо таъсиси озмоишгоҳи таълимию таҷрибавии иқтисодиёти рақамӣ дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир сифат ва самараnокии ин фанни таълимӣ ба маротиб баланд бардошта мешавад.

Чунки дар ин озмоишгоҳ таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои сабти видео ва аудиолексияҳо насб карда шуда, аз нигоҳи технологӣ ва методӣ маркази мукаммалу замонавии таълимию таҷрибавӣ ба шумор меравад.

Таъсиси ин озмоишгоҳ имкон медиҳад, ки минбаъд раванди



рақамикунонии фанҳои таълимӣ, таҳияи наворҳои иттилоотию иртиботӣ, аудио ва видеолексияҳо тақвият бахшида шуда, ин усули самарабахш дар раванди таълим васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари ин таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳ барои донишҷӯён ва магистрантон ҷиҳати ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таъсиси гурӯҳҳои илмӣ мусоидат менамояд.

Маркази бонки таълимӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини пешрафти низоми миллии бонкдорӣ ва бо ин роҳ рушди иқтисодиёти рақамӣ дар назди кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳ ташкил гардидааст.

Мақсад аз ташкили ин марказ баланд бардоштани савияи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар самти фаъолияти низоми молиявӣ дар муассисаҳои бонкӣ мебошад. Бо истифода аз имконоти фароҳамгардида минбаъд дар марказ кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ омода карда мешавад.

Дар бинои нави таълимӣ, инчунин, шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ба фаъолият оғоз намуд. Ин шуъба ҳамчун ҷузъи таркибии раёсати таълимии донишгоҳ ба шумор рафта, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои умумидонишгоҳӣ оид ба такмил ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳо барои назорат ва рушди сифати таълим таъсис дода шудааст.

Бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти насбшуда дар ин шуъба мутахассисон раванди сифати иҷрои барномаҳои таълимиро дар сохтори муассиса назорат карда, фаъолияти он тибқи талаботи барномаи идоракунии сифати таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим дорои ҳуҷраи кории алоҳида буда, он бо таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ таъмин гардидааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 5 бинои таълимӣ, 6 факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фаъолияти гумрукию оморӣ омода карда мешаванд.

Дар донишгоҳ 19 доктори илм, 140 номзади илм, 215 муаллими калону ассистент ва дар умум, 373 омӯзгор ба 9 ҳазору 468 донишҷӯ дарс медиҳанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли таҳсили 2022 -2023 дар асоси нақша, қабули довталабон ба донишгоҳ аз рӯи 6 ихтисоси нав, аз ҷумла, иқтисоди рақамӣ, бехатарии иқтисодӣ, идораи давлат ва ҳуқуқ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол дар донишгоҳ 2300 адад таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун мавҷуд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таъсиси озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давалтии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки дар самти амалишавии нақшаву барномаҳои таълимӣ, хусусан, татбиқи ҳадафҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, солҳои 2020 - 2040 мусоидат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ карда, барои истифодаи васеи имконоти омӯзишӣ ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

*President.tj*

ИКДОМ

# КӮШОНИЁН: вохӯрии вазир бо сарбозон

Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода, раиси ноҳияи Кӯшониён Икромиддин Вализода ва дигар ҳамроҳон барои шинос шудан бо фаъолият ва шароити сарбозони қисми ҳарбии 07017-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён рафтанд.

Дар ин вохӯрӣ омӯзгорону хонандагони як қатор муассисаҳои таълимӣ низ иштирок карданд. Онҳо дар қисмати аввал аз ашъори шоирон дар васфи Ватан - Модар, Тоҷикистон қироат карданд, ки саропо муҳаббати ватандӯстиро дар дили ҳамагон бештар менамояд.

Ҳайати меҳмонон китобхона ва ошхонаи қисми низомиро низ диданд. Ба мушоҳида расид, ки шароиту имконияти беҳтар



барои сарбозон муҳайё гардидааст. Онҳо ин ҷо метавонанд, ки дар китобхона ба мутолиа машғул шуда, донишу фаҳмиши худро сайқал диҳанд. Ин буд, ки имсол ду нафар аз сарбозони ин қисми низомӣ дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок карданд.

ҚАДРШИНОСӢ

# Нишони «Маърифатпарвар» ба 45 нафар падару модар

***16-уми декабри соли равон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини Сарвазири мамлакат М.Сатториён, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа М.Абдуллозода, вазири маориф ва илм Р.Саидзода, муовини аввали Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон А.Азизӣ, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам ва директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Ҷ.Файзализода маросими супоридани мукофотҳои пулӣ, ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм ва Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ” ба иштирокчиёни даври чоруми озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, ки ҷойҳои ифтихориро сазовор шуданд, баргузор гардид.***

Муовини Сарвазири мамлакат М. Сатториён зикр кард, ки озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” тӯли чор сол аст, ки бо ташаббус ва сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сар то сари кишвар ҳаводорони зиёдеро ба ҳам оварда, дар муаррифии чеҳраҳои китобхон, донишманд, суханвар ва эҷодкор нақши боризе гузошта истодааст. Боиси хушнудист, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, падару модарон, хонандагону омӯзгорон, донишҷӯёну намояндагони касбу кори гуногун ҷиҳати дастгирии ташаббуси Пешвои миллат тамоми неруи зеҳнии худро равона карда, дар чор зинаи озмун донишу маҳорати худро муаррифӣ карданд.

Дар идома як қатор кормандони Вазорати маориф ва илм, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, масъулини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе барои саҳми арзанда дар баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” бо ифтихорномаю сипосномаҳои Вазорати маориф ва илм ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон, инчунин, 45 нафар падару модари ғолибон бо нишони “Маърифатпарвар” ва як қатор омӯзгорон бо нишони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” қадрдонӣ шуданд.

Дар баробари ин, бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 127 нафар иштирокчии фаъоли озмун, хусусан, пиронсолону ятимон ва шахсони дорои имкониятяшон маҳдуд, ки ҷойҳои ифтихориро сазовор шудаанд, “Ифтихорнома”-и Вазорати маориф ва илм ва туҳфаҳои молӣ тақдим гардид.

Ҷаласаи XXVIII Шурои иттилоотии ИДМ баргузор шуд.

# «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҷамъбаст гардид



*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Шаҳристон соҳиби ҷойи сеюм, **дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик** Гулрӯза Ҷамолиддиновна-хонандаи синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Ашт соҳиби ҷойи якум, Эраҷ Ҳакимов – хонандаи синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и ноҳияи Кушониён соҳиби ҷойи дуюм, Робия Ҳакимова – хонандаи синфи 3-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26-и ноҳияи Кушониён соҳиби ҷойи дуюм, Сафия Раҷабова - хонандаи синфи 3-и -муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и шаҳри Гулистон соҳиби ҷойи сеюм, Салоҳиддин Самадов – хонандаи синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Ванҷ соҳиби ҷойи сеюм, миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар **номинатсияи эҷоди назму наср (бахши наср)** Анӯшервони Нурзода - хонандаи синфи 11-и гимназияи 1-и шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи якум, Маҳмуд Шарифзода - хонандаи синфи 11-и литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар соҳиби ҷойи дуюм, Санам Боева - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Файзобод соҳиби ҷойи дуюм, Сумая Бобоева - хонандаи синфи 9-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и шаҳри Ҳисор соҳиби ҷойи сеюм, Насрин Назирзода - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и шаҳри Бӯстон соҳиби ҷойи сеюм, **номинатсияи эҷоди назму наср (бахши назм)** Фаридун Ёқубов - хонандаи синфи 11-и гимназияи №2-и шаҳри Истаравшан соҳиби ҷойи якум, Кибриё Солеҳова - хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40, ноҳияи Айнӣ соҳиби ҷойи дуюм, Мутриба Муҳаммадсафарзода - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Файзобод соҳиби ҷойи дуюм, Шоира Абдураҳмонова - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Сино соҳиби ҷойи сеюм, Гулрӯ Бурҳонова - хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1–и ноҳияи Восеъ соҳиби ҷойи сеюм, **номинатсия адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ** Меҳрангез Зуробекова - хонандаи синфи 4-и гимназияи №2-и ноҳияи Шоҳмансур соҳиби ҷойи якум, Афзалмоҳ Амонзода - хонандаи синфи 2-и муассисаи хусусии "Афсона"-и ноҳияи Зафаробод соҳиби ҷойи дуюм, Муҳаммадсолеҳ Азизов-хонандаи синфи 1-и гимназияи №1-и шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи дуюм, Оиша Шамсуддинова - хонандаи синфи 1-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №139-и шаҳри Ваҳдат соҳиби ҷойи сеюм, Дилором Ҷумъаева-хонандаи синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Шуғнон соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Дар миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) аз рӯйи номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ Паричеҳра Ахмедова – хонандаи синфи 8-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Деваштич соҳиби ҷойи якум, Мадина Каримзода – хонандаи синфи 8-и литсейи №2-и ноҳияи Сино соҳиби ҷойи дуюм, Наимзодаи Шабнам-хонандаи синфи 11-и литсейи №2-и ноҳияи Сино соҳиби ҷойи дуюм, Фирӯзаи Тоҷиддин-хонандаи синфи 9-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Рашт соҳиби ҷойи сеюм, Фархунда Шарифова-хонандаи синфи 8-и литсейи инноватсионии ноҳияи Фирдавсӣ соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти классикии тоҷик Сафина Иматшоева-хонандаи синфи 11-и литсейи "Оғохон"-и шаҳри Хоруғ соҳиби ҷойи якум, Субҳия Тоҳирзода-хонандаи синфи 8-и литсейи "Ориёно"-и шаҳри Бохтар соҳиби ҷойи дуюм, Сафина Ҳофиззода- хонандаи синфи 8-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и Мастчоҳ соҳиби ҷойи дуюм, Шоҳонаи Ҷовид-хонандаи синфи 10-и литсейи №1-и шаҳри Панҷакент соҳиби ҷойи сеюм, Сабрина Зокирова- хонандаи синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Рӯдакӣ соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик Беназир Шоева-хонандаи синфи 9-и гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ соҳиби ҷойи якум, Сабрина Муродова-хонандаи синфи 11-и гимназияи №1-и ноҳияи Сино соҳиби ҷойи дуюм, Шаҳбоз Ҳакимов -хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Вахш соҳиби ҷойи дуюм, Манижаи Муъминшо-хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Истиқлол соҳиби ҷойи сеюм, Гулбарги Камолиддин-хонандаи синфи 10-и литсейи инноватсионии ноҳияи Фирдавсӣ соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти ҷаҳон Шукрона Давлатзода-хонандаи синфи 10-и гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ соҳиби ҷойи якум, Файзулло Қадамов-хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Кушониён соҳиби ҷойи дуюм, Лайло Кӯзибоева-хонандаи синфи 8-и литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи дуюм, Сарвиноз Асророва-хонандаи синфи 9-и литсей-интернати Президентӣ дар шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи сеюм, Шукрона Қузратуллозода-хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.



Дар миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ дар номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ Нозия Аминбекзода-донишҷӯи курси 2-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соҳиби ҷойи якум, Хайринисо Раҳмонова-донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соҳиби ҷойи дуюм, Садбарг Қудратова-донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи дуюм, Муродалӣ Миракзода - донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соҳиби ҷойи сеюм, Рамзия Зарифова - донишҷӯи курси 3-и коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти классикии тоҷик Шоира Мадалиева-донишҷӯи курси 3-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи якум, Ҳабиба Абдураҳимзода-донишҷӯи курси 2-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ соҳиби ҷойи дуюм, Парвина Азимова-донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи дуюм, Мирзобег Азиззода-донишҷӯи курси 4-и коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат соҳиби ҷойи сеюм, Файзигул Мусулмонзода-донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик Мавзуна Исанова - донишҷӯи курси 3-и Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соҳиби ҷойи якум, Муҳаммадрасул Сатторов - донишҷӯи курси 4-и коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат соҳиби ҷойи дуюм, Истамиён Норгул-донишҷӯи курси 2-и коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент соҳиби ҷойи дуюм, Ҷумахон Сафаров- донишҷӯи курси 3-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав соҳиби ҷойи сеюм, Сухроб Отаев-донишҷӯи курси 2-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи адабиёти ҷаҳон Нурбибӣ Бобоева- донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи якум, Муҳтарамаи Зиёвуддин- донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ соҳиби ҷойи дуюм, Мавлуда Атаджанова - донишҷӯи курси 2-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Саёҳат Шукурова- донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соҳиби ҷойи сеюм, Мубина Абдуллоева - донишҷӯи курси чоруми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Дар миёни омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун дар номинатсияи эҷоди назму наср (бахши наср) Бӯрӣ Ҳамрозода-сокини ноҳияи Сино-соҳиби ҷойи дуюм, Муҳаммадалӣ Истамзод - омӯзгори мактаби муосири байналмилалӣ соҳиби ҷойи дуюм, Абдуллоҳиён Муҳаммадӣ- рӯзноманигор, котиби масъули рӯзномаи "Навиди Балҷувон" соҳиби ҷойи сеюм, Гулистон Сафаралиева - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и шаҳри Ҳисор соҳиби ҷойи сеюм, дар номинатсияи эҷоди назму наср (бахши назм) Зебунисо Қосимова - директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ соҳиби ҷойи якум, Файзулло Дилшодзода - корманди рӯзномаи "Раҳбари Дониш" шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров соҳиби ҷойи дуюм, Сино Қудратов - унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Бибиомина Ҳамроева - донишҷӯи курси чоруми Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соҳиби ҷойи сеюм, Ваҳдат Дайхудоев - омӯзгори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва хизмат соҳиби ҷойи

*(Давомаш дар саҳ.4)*

**Дар шаҳри Хуҷанд озмуни экологӣ миёни кӯдакон таҳти унвони «Мо дӯстдори табиат» натиҷагирӣ шуд.**

# «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҷамъбаст гардид

*(Аввалаш дар саҳ.3)*

сеюм, **дар номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ** Заррина Сӯфиева - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Зафаробод соҳиби ҷойи якум, Шаҳноза Дониярова - корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Махфират Ашурова - корманди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Майдагул Миниқулова-омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Бохтар соҳиби ҷойи сеюм, Назира Толибова- корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи сеюм, **дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик** Гулваши Иброҳим - корманди Қасри фарҳанги шаҳри Бӯстон соҳиби ҷойи якум, Субҳон Эшов-корманди бонки "Коммерсбонк" соҳиби ҷойи дуюм, Мирзошариф Шарифов - корманди телевизиони "Сафина" соҳиби ҷойи дуюм, Муаззам Шафиева- омӯзгори литсейи №1-и ноҳияи Спитамен соҳиби ҷойи сеюм, Асҳобиддин Низомов - корманди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон соҳиби ҷойи сеюм, **дар номинатсияи адабиёти классикии тоҷик** Абдулвосит Расулзода - корманди Кумитаи телевизион ва радиои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҷойи якум, Рухшона Муқумова - омӯзгори гимназияи №5-и шаҳри Истаравшан соҳиби ҷойи дуюм, Сайнеъмон Сайғуфронов- омӯзгори Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш соҳиби ҷойи дуюм, Шабнам Болтаева- омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и шаҳри Ҳисор соҳиби ҷойи сеюм, Зубайда Раҳмонова - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Гулистон соҳиби ҷойи сеюм, **дар номинатсияи адабиёти ҷаҳон** Абдуҷалили Амон- омӯзгори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соҳиби ҷойи якум, Мирзобобур Ибрагимов - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Шаҳристон соҳиби ҷойи дуюм, Пулодҷон Ватанов- раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвоз соҳиби ҷойи дуюм, Шоҳина Сафарова-корманди Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҷойи сеюм, Тоҳирхон Асроров - корманди Кумитаи телевизион ва радиои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

**Ҳамчунин, 16-уми декабр** барои дарёфти "Шоҳҷоиза"-и озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз 18 нафар ғолиби ҷойҳои якум 11 нафар иштирок карданд, ки донишу ҷаҳонибинии довталабон аз рӯйи номинатсияҳои озмунӣ санҷида шуд.

**Дар натиҷаи ниҳоӣ Шаҳло Сайдалиева-хонандаи синфи 9-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8-и ноҳияи Данғара ғолиб ва барандаи "Шоҳҷоиза" эълон гардид.**

Ба ғолибони ҷойи аввал маблағи 35000 сомонӣ, ҷойи дуюм 25000 ва ҷойи сеюм 20000 сомонӣ, диплом ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Ҳамзамон, ба 45 нафар омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд, маблағи 10000 сомонӣ супорида шуд. Дар баробари ин, ҳамаи иштирокдорони озмун аз ҷониби Вазорати маориф ва илм бо Сертификат ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.



Дар охир муовини Сарвазири мамлакат, раиси Комиссияи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» Сатториён Матлубахон Амонзода ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ба Вазорати маориф ва илми кишвар, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳо, инчунин, дар тайёр намудани довталабон ба роҳбаладон, омӯзгорону волидон ва барои шаффофу воқеъбинона баҳогузорӣ намудан ба ҳайати доварон изҳори сипосу миннатдорӣ намуд.

Ёдовар мешавем, ки рӯзҳои 5-16-уми декабри соли равон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид, ки дар он 442 нафар довталаб аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе иштирок карданд.

Натиҷаи ҷамъбасти ниҳоӣ нишон дод, ки иштирокчиёни озмун аз шаҳри Душанбе соҳиби 32 ҷой, вилояти Суғд 28 ҷой, вилояти Хатлон 17 ҷой, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 13 ҷой ва ВМКБ соҳиби 4 ҷой гардиданд.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

ТАҲЛИЛ

***15-уми декабри соли ҷорӣ дар номинаи адабиёти кӯдакон рӯзи охирини сабқати довталабон идома дошт. Раванди баргузории даври ниҳоии озмунро яке аз ҳакамони номинаи мазкур, устоди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Хосият Олимӣ ба таври зайл шарҳу тафсир бахшид:***

# Сатҳи озмун баланд буд




-Нахуст таъкид бояд кард, ки иштироки довталабон нисбат ба солҳои қаблӣ дар номинаи адабиёти кӯдакон хеле беҳтар буда, онҳо бо ҷасорату эътимод, ирода ю рӯҳи бароzанда ва эҳсоси баланд, як навъ ҷӯшу хурӯш ба саволҳо посух мегуфтанд. Маълум, ки бо омодагии ҳамаҷониба (мутолиаю омӯзиши бардавом ва заҳмату ранҷи беҳисоб, бедорхобиҳои шабурӯзӣ) ба озмун ҳозир шудаанд, ки инро аз шеъри фаровони азбаркарда, осори насрии хондаашон ва ҳифзи тезгӯяку чистонҳои зиёд ба гунаи амиқу равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Ба андешаи ман, маҳорату ҳунари иштирокдорони озмун дар байни хонандагони синфҳои 1-4 ва 5-11 нисбат ба довталабон аз қишрҳои мухталифи ҷомеа дар ин номина беҳтару хубтар ба чашм расид. Мактабиён-довталабони номинаи зикршуда дар баёни фикр, қироати шеъру суруд, нақли пораҳои насрӣ аз осори классикони адабиёти форсу тоҷик ва муосир, воқеан, бо ҳунару қобилияти хуби худ пешгом буданд. Аммо ин нуктаро дар мавриди довталабоне, ки аз табақаҳои гуногуни ҷомеа маҳорати худро ба намоиш гузоштанд, ба таври комилу ҳаматарафа наметавон изҳор дошт. Гап дар сари он ки бахши аъзами довталабони гурӯҳи дувум намунаҳои осори назмию насриеро пешниҳод мекарданд, ки борҳо гуфта шуда, такрору забонзад гардидаанд. Иштирокдорон ашъори нобу тозаи шоирони бачаҳоро ба нудрат аз ёд кардаанд, ҳамчунин, ҳангоми сухан кардан, шеърро аз ёд хондан, посух додан ба саволҳо дар хусуси осори насрӣ ба камбудиҳо, аз қабили тарзи нодурусти талаффузи овозҳо, аҳамият надодан ба вазну оҳанги шеърҳо, ғалат баён кардани фикр (махсусан, дар нақли пораҳои насрӣ) роҳ медоданд. Албатта, дар умум, суханронию такаллуми довталабон қонеъкунанда буд, ба хусус, ба шеърхонию нақли асарҳои насрӣ хонандаи синфи 1-и МТМУ №139, шаҳри Ваҳдат Оиша Шамсиддинова (ҷойи 3-юмро гирифт) кас мафтун мегардид. Мо ба донишу маҳорати ин довталаб баҳои сазовор додем.

Дар ин рӯз сабқати довталабон дар номинаи адабиёти классикӣ идома дошт. Ҳангоми суҳбат довталаб Муртазо Комилов, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Конибодом зикр намуд, ки соли чорум аст, дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок мекунад. Соли аввал аз номинаи адабиёти муосири тоҷик, соли дувум номинаи эҷоди назму наср, соли сеюм адабиёти классикии форсу тоҷик дар озмун фаъолона ширкат намуда, то даври ниҳоии озмун баромадааст.

-Ман осори назмию насриеро, ки дар Низомнома барои мутолиа пешниҳод шудаанд, вале дар мактаб омӯхта намешаванд, мутолиа кардам ва хондани ин асарҳоро ба шогирдон тавсия намудам. Аз асарҳое, аз қабили ҳикояҳо аз китоби «Ҳазору як шаб», «Синдбоди ҳаким», «Марзбоннома», «Мақомоти Ҳамидӣ» ва ғайра хеле кам дар китоби «Адабиёти тоҷик» ҷой дода шудаанд. Тариқи қуръапартоӣ якум шуда, барои посух гуфтан дар озмун иштирок кардам. Ҳанӯз аз посуххои додаам қаноатманд нестам. Зиёда аз 2000 байт, 42 асари насрӣ, рубоию дубайтӣ, қитъа, ғазал ва достонҳо аз ёд кардаам.

Гумон мекунам, ки ҳоло ҳам бештар омӯхту осори адибони классики форсу тоҷикро мутолиа кард. Банда зиёда аз 30 сол мешавад, ки ба касби омӯзгорӣ машғулам. Бояд хотиррасон кард, ки шогирдонам ҳамасола дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок мекунанд ва то даври ниҳоӣ расида, ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. М.Комилов афзуд, ки озмуни номбурда иқдоми судманду муассир буда, онро метавон ба ниҳоле шабоҳат дод, ки акнун реша давонда, сабзу пуртароват гардида, дар айни нашъунамост. Баъди чанд сол он тановару бузург шуда, самараи нек хоҳад дод. Ба андешаи ман, аз байни ғолибони озмун оянда олимону донишмандон, пажуҳишгарон ва шоирону нависандагони варзида мебароянд, ки бо фаъолияти судманди хеш дар рушду пешрафти кишвари азизамон саҳми мондагор хоҳанд гузошт.

Дар хотима бо эътимод изҳор медорам, ки минбаъд низ (пирӯзӣ ба даст орам ё наорам!) дар озмун сарбаландона ширкат хоҳам кард. Довталаб, омӯзгори забони русии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и деҳаи Дамобии ноҳияи Сангвор Маҳмадшо Мирзоев соли чорум аст, ки дар озмун аз номинаи адабиёти классикӣ иштирок мекунад.

-Соли 2020 8 нафар шогирдам дар даври ноҳиявии озмун ва 4 нафар дар даври минтақавӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд, - иброз медорад М.Мирзоев ва тавзеҳ медиҳад, ки соли 2021 боз 7 нафар хонанда дар даври ноҳиявӣ ва 4 нафар дар даври минтақавии озмун ширкат намуданд. Имсол бошад, бо дастгирию кумаки устоди заҳматкаш 5 нафар шогирдаш дар даври ноҳиявӣ ва 4 нафар дар даври минтақавӣ хеле хуб донишу маҳорати худро нишон доданд. Писараш, хонандаи синфи 2 Яҳё Маҳмадшоҳзода соли равон, инак дар даври ниҳоии ҷумҳуриявии озмун дар номинаи адабиёти классикӣ ширкат мекунад. Яҳё ду сол дар даври минтақавӣ фаъолона иштирок намудааст. Вай ба даври ниҳоӣ омодагии ҳамаҷониба дида, зиёда аз 200 ғазалу рубоӣ аз ёд ва 30 асари насриро мутолиа кардааст. Омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Шуғнон Хурмо Муминшоева яке аз дигар иштирокчии номинаи адабиёти классикӣ дар даври ниҳоии озмун маҳсуб мебад. Вай ба мо гуфт, соли аввал аст, ки дар озмун иштирок мекунад, шогирдонаш бошанд, соли гузашта дар даврҳои ноҳиявию вилоятии озмун ғолибият ба даст оварда, дар даври ниҳоӣ ширкат намудаанд.

-Ман ба осори шоиру нависандагони адабиёти классикии форсу тоҷик шавқу таваҷҷуҳи беандоза дорам, - мегӯяд Х.Муминшоева ва зикр мекунад, ки ба ин мақсад 250 ғазал, 145 рубоӣ, 15 қасида, 13 порча аз достонҳо, мухаммас, тарҷеъбанд, қитъа ва дигар анвои назмиро аз ёд намудааст. Донишу маҳораташро дар назди ҳакамони сахтгир хеле хуб нишон дода, ба саволҳои эшон посуххои дақиқ ироат кардааст. Ба таъкиди довталаб, меҳру муҳаббати мутолиаи осори бадеиро дар замири ӯ устодаш, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳия Амиршо Қаландаршоев бедор кардааст. Х.Муминшоева ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар қиболи адабиёти тоҷик таваҷҷуҳи хоса дорад ва оянда ба таълифи рисолаи илмӣ машғул хоҳад шуд. Узви ҳайати ҳакамони озмун аз

*(Давомаш дар саҳ.5)*

**Дар шаҳри Тошканд дастовардҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ муаррифӣ гардид.**

*(Аввалаш дар саҳ.4)*

# Сатҳи озмун баланд буд

номинаи адабиёти классикӣ, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Мушкинисо Раҳимова дар хусуси маҳорату ҳунари довталабон андешаҳояшро баён намуда, аз ҷумла, қайд кард, ки озмуни имсола аз озмунҳои солҳои қаблӣ хеле фарқ мекунад. Теъдоди иштирокчиёни озмун ба маротиб афзудааст. Маълум аст, ки дар қиёс бо солҳои гузашта довталабон тайёрии хуб дидаанд, осори фаровони назмию насриро аз адабиёти классикӣ мутолиа кардаанд. Лекин баъзе норасоии ҷузъӣ дар посухҳои онҳо ба мушоҳида расид. Тарзи мисол, дар ҷузвдонҳои онҳо дар дарки маънии абёту ғазалҳо, дар донистану фарқ кардани анвои шеърӣ, хусусан, дар шинохт ва муайян кардани қасида ва намудҳои он, номбар намудани шоирони қасидасаро ҳоло ҳам иштирокдорони номина душворӣ мекашанд. Дар умум, довталабон метавонанд ин камбудиҳоро минбаъд ислоҳ намоянд ва сазовори баҳои шоистаи доварон гарданд.

Тавре маълум аст, дар номинаи эҷоди назму наср низ довталабони зиёде ширкат намуданд. Раиси ҳайати ҳакамони номинаи мазкур, нависанда, мудири шуъбаи насри Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ изҳор дошт, ки қобилияту маҳорати довталабон аз рӯйи таълифи осори бадеӣ, ки дар Низом-



нома омадааст (5 ҳикоя, 1 повест, 2 эссе, 2 драма) яксон набуд. Албатта, дар байни иштирокчиёни номина онҳое ҳам вохӯрданд, ки лаёқати хуби қаламкашӣ доранд, забону тарзи баён, инкишофи раванди воқеаҳо дар асарҳояшон ҷолиб мебошад. Вале дар умум, ҳоло барои пухтаву мукаммал гардидани навиштаҳои онҳо вақти муайян лозим аст.

-Дар байни довталабон шахсони аз баҳои гузоштаи ҳакамон норизо низ буданд, ки бо ариза ба комиссияи тадорукотӣ муроҷиат намуданд. Ҳайати комиссияи апеллятсионӣ бо довталабони номина, ки 6 нафарро ташкил медоданд, суҳбат карда, бароманди онҳоро аз навор дар ҳузурашон тамошо ва камбудиҳои асарҳои пешниҳодкардаашонро хотиррасон ва таъкид карданд. Ҳамин тавр, довталабон дар номинаҳои адабиёти ҷаҳон, адабиёти муосир маҳорату малакаи худро нишон дода, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Довталаб Динора Усмонова,



омӯзгори таърихи литсейи рақами №1-и ноҳияи Спитамени вилояти Суғд, ки дар номинаи адабиёти кӯдакон ва осори шифоҳӣ қобилияти худро санҷидааст, соли аввал аст, ки дар озмун ширкат мекунад.

-Асарҳои барои бачагон иншошуда шавқовар, ҷолиб ва хонданианд, - мегӯяд вай. Дар ин номина на танҳо асарҳои адибони тоҷик ва эҷодиёти шифоҳии халқ, балки осори шоиру нависандагони муосир, классикӣ, ҷаҳон аз довталабон пурсида мешавад. Ман бо ду забон – русӣ ва тоҷикӣ сухан рондам. Омӯзгори синфҳои ибтидоии литсей Саломат Фаттоева дар дарёфту мутолиаи осори бадеии кӯдакона кумакам намуд, ки аз он кас хеле миннатдорам.

Содиқ Ашӯров, мушовири фанҳои забон ва адабиёти тоҷики кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Мастчоҳ изҳор дошт, ки собиқаи кории 36 – солаи омӯзгорӣ дорад. Номбурда ба хотир овард, ки ҳанӯз соли 2013 дар озмуни нашрияи «Омӯзгор» - «Тафсири як байти Ҳофиз» иштирок намуда, соҳиби ҷойи аввал гардида буд. Шогирдонаш низ дар озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннии сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Акнун худи омӯзгор соли чорум аст, ки дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок менамояд. Бино ба иқрори мавсуф, вай дар даври ноҳиявӣ ва вилоятӣ ҷойи якумро ишғол намуда, бо азбар кардани 120 ғазал, 200 рубоӣ, 150 байти достон, 150 байт аз ашъори гуногун ва 100 байт аз қасида аз рӯйи номинаи «Адабиёти классикӣ» ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ ёфтааст. Номбурда афзуд, ки соҳиби китобхонаи шахсист, ки шомили панҷ ҳазор нусха китоб аст. С. Ашӯров соҳиби чор нафар фарзанд буда, ду нафари онҳо низ касби падарро интихоб кардаанд ва шуғли дӯстдоштаи онҳо китобхонист. Тавре омӯзгор гуфт, ӯ ба эҷодкорӣ низ майл дорад. Намунаи шеърҳояш дар рӯзномаи ноҳиявии «Машъал» ва рӯзномаи хусусии «Суханвар» ба табъ расидаанд.

Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш Сайнеъмон Сайғуфронов соли дуюм аст, ки аз рӯйи номинаи «Адабиёти классикӣ» дар озмун иштирок менамояд. Вай соли 2014 пас аз хатми ДДЗТ ба номи С. Улуғзода дар коллеҷ дарс гуфта, ҳамзамон, бахши магистратураи донишгоҳи зикргардидаро ба итмом расонидааст. Номбурда иброз дошт, ки бо баргузории ин озмун осори ҳазорсолаи адабиёти миллиамонро эҳё мегардонем. Ӯ низ ба даври чорум роҳ ёфта, бо пешниҳоди 300 байт аз достонҳо, 1000 байт аз ашъори классикон, 120 рубоӣ ва дубайтӣ, 40 адад намунаи асарҳои насрӣ ба даври чорум роҳ ёфтааст.

Сафина Имматшоева, хонандаи синфи 11-и литсейи Оғохони шаҳри Хоруғ иброз дошт, ки дар номинаи хондан ва азёд намудани осори адибони классик дар даври чоруми озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал гардидам. Вай гуфт, кӯшиш кардам, ба ҳамаи саволҳои додашудаи ҳайати ҳакамон ҷавоби муфассал дода, дониши худро нишон диҳам. Боварӣ доштам, ки ба даври чорум роҳ меёбам, зеро хеле ҷиддӣ тайёрӣ дида будам. Ин ҳадафи ман буд, ки ба даври чорум роҳ ёбам ва хушбахтона, ба орзуи худ расидам. Дар китобхонаи шахсиамон бештар аз 500 адад китоби гуногуни бадеӣ дорем. Ҳамчунин, барои дарёфти китобҳо волидон, устодон ва дӯстонам кумак карда, аз китобхонаҳои шаҳрию вилоятӣ ва мактабӣ адабиёти тавсияшударо пайдо намудам.

Модарам омӯзгор ва падарам хизматчии давлатист. Модарам аз фанни таърих ва ҳуқуқ дарс медиҳанд. Дар ин озмун маротибаи дуюм ширкат меварзам ва



соли гузашта дар даври чорум сазовори ҷойи ифтихорӣ гардида будам. Дониши худро дар дигар номинаҳо низ санҷидам. Тарзи баргузории озмун ба ман писанд омад. Муносибати хуби ҳакамон ва дониши мукаммал доштани худи онҳо маълум шуда меистод. Бевосита аз асарҳои хондаам саволҳои мушаххас медоданд. Муомилаи неку меҳрубонона доштанд ҳайати ҳакамон. Мехостам, ки соли оянда низ дар ин озмун ширкат варзам, вале тибқи Низомномаи озмун, азбаски сазовори ҷойи аввал гардидам, ҳуқуқ надорам, ки дар се соли оянда дар озмун иштирок намоям. Мехоҳам ба ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дохил гардида, табиб шавам.

Ҳамин тавр, дастгирӣ, таваҷҷуҳ ва қадршиносии онҳое, ки имрӯзҳо ба хотири муаррифии ганҷинаи бузурги миллати тоҷик, ки аз таърих ва гузаштаи миллати тоҷик сарчашма мегирад ва имрӯз миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ чун кишвари соҳибтамаддуну соҳибмаърифат муаррифӣ гаштааст, собитгари сиёсати дурандешона ва маорифпарваронаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, хоса Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ташкил ва баргузор намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тамоми қишри ҷомеаро баҳри омӯзиш ва соҳибилм гардидан водор сохт.

Натиҷа ҳамин аст, ки дар баробари наврасон, пиронсолону ятимон ва шахсони дорои имконияташон маҳдуд низ дар озмуни мазкур бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ширкат варзида, аз ғамхориҳои навбатии Пешвои миллат баҳравар гаштанд. Дар ин баробар 45 нафар падару модарон ва омӯзгорони ғолибон бо мукофотҳои таъсиснамудаи озмун сарфароз гардонида шуданд.

Дар замоне ки ҳар як фарди ҷомеа дар худшиносӣ ва ҳифзи хотираи таърихии худ беш аз пеш ниёз дорад, баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба густариши эҳсоси ватандӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ ва болоравии сатҳи маърифатнокии ҷомеа мусоидат менамояд. Ин рӯйдоди беназир дар тӯли таърих ва давлатдории тоҷикон маҳсуб меёбад, ки аз арҷгузории баланд ба фарҳангу китоб ва ғамхории падаронаи Пешвои миллат ба мардум шаҳодат медиҳад. Аз оғози соҳибистиқлолӣ Сарвари кишвар ба китобу китобхонӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои рушди он саҳми арзишманд гузоштаанд ва ба ин васила, эҳёгари китобхониву китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир ҳастанд.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

***Китобро бузургтарин ихтирои башарият донистаанд, ки ба ин ҳеҷ шакку шубҳае нест. Маҳз китоб васлгари инсонҳо ва асрҳову наслҳову замонҳост. Он хотираи гузаштаҳоро ҳифз мекунад ва имрӯзро ба фардо пайванд месозад.***

# Манбаи ҷовидони хирад

Китоб оинаи замонҳо, ҳодисаву воқеаҳост. Мардуми тоҷик аз азал эътиқоду эътимод ба китоб доштаанду доранд. Китоб барои тоҷикон муқаддас аст, чизест волотару болотар аз тамоми мавҷудоти олам. Халқи фарҳангпарвару адабгустари мо китобро ба дида мемолонду бо эътиқоди қавӣ рӯи даст мегиранд, бо самимияту муҳаббат варақ мезананд, бо камоли эҳтиёт дар тоқи баланд мегузоранд.

Имрӯз ҳам китоб дар ҳаёти халқи тоҷик мавқеи чашмгиру дилпазир дорад. Новобаста аз шебу фарози рӯзгор ва сари кор омадани воситаҳои гуногуни иттилоот китоб дӯсти меҳварӣ ва беғараз пурхирад мондааст. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, пеш аз ҳама, сиёсати хирадмандонаву маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бузургдошти ҳамагонии китоб мусоидат кардааст. Маҳз бо ибтикору ташаббуси Сарвари кишварамон дар мамлакат Рӯзи китоб (4 сентябр) муқаррар шуд, бузургтарин китобхона дар Осиёи Марказӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ бунёд ёфт, ҳамчунин, баргузории намоишу фестивалҳои китоб ба ҳукми анъана даромаданд, чопи силсилаи китобҳои муҳтавоманд аз адабиёти муосиру классикӣ ба роҳ монда шуд, барои чопи китобҳои адибон ҳамасола аз хазинаи Президент маблағи махсус ҷудо мешавад. Тадбири аз ҳама беҳтарину муҳимтарин вобаста ба тарғибу тақвияти китобу китобхонӣ дар кишварамон созмондиҳии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гардидааст, ки ҳар сол доираи васеи ҳаводорону дӯстони китобро гирд меоварад. Ин озмуни бонуфуз соли чорум аст, ки баргузор мешавад ва ҳар сол ба ҷашни бузургу бошукӯҳи китоб табдил меёбад. Албатта, дар тарғиби китоб ва ҳамдами ҳамешагӣ будан ба ин сарчашмаи дониш аҳли таълиму тарбия дар сафи пеш бояд қарор дошта бошанд ва ҳамин тавр ҳам ҳаст. Ҷараёни тадрис дар мактабро бидуни китоб тасаввур кардан имконнопазир аст. Китоб ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои хонандагон дастуру ёвару дӯсту раҳнамои ҳамешагист. Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат вобаста ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ, дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеа ва омилҳои дигари ҳамбаста ба худшиносию ҳувияти миллӣ мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ ва дастурҳои дигари таълимӣ бознигарӣ ва ба рӯҳияи замон мувофиқ карда шуданд ва онҳо дар ҳар се –чор сол таҳриру такмил меёбанд. Омӯзгорон бар он мекӯшанд, ки шогирдонашон бо мутолиаи китобҳои дарсӣ маҳдуд нашуда, мунтазам китобҳои бадеӣ мутолиа намоянд. Китоби бадеӣ дониши хонандагонро такмил мебахшад, доираи ҷаҳонбиниашонро фарохтар месозад ба қобилияти фикрронӣ, андешаву эҷод ва таҳлилу баррасиашонро афзун менамояд. Омӯзгоронро мебояд, ки вобаста ба парваридани меҳри китобхонӣ дар ниҳоди хонандагон ҳамеша тадбирҷӯӣ бикунанд. Аз ҷумла, шинос намудани шогирдон бо китобҳои бадеии тозанашр, нақл дар бораи муаллифони онҳо, ташкили вохӯрӣ бо адибон, баргузор кардани дарсҳои тарбиявӣ, ҷашнвораҳои китоб, ҳидояти хонандагон барои иштирок ба озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва монанди инҳо омилҳоеанд, ки насли наврасро бо китоб бештар наздику ҳамдам месозанд. Басо хубу муассир хоҳад буд, агар саҳни мактаб ва долону дарсгоҳҳои он бо гуфтаҳои бузургон дар ситоиши китоб ва аҳамияти китобхонӣ (дар шакли лавҳаҳои мунаққаш) ороста шаванд. Ҳар қадар шогирдони мо ба китоб наздик бошанд, ҳамон қадар дар таҳсили имрӯзу фардояшон муваффақ хоҳанд буд.

*Рухшона АСОЕВА,*
*омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №11-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ*

Дар шаҳри Москва китоби нави дарсии «Забони тоҷикӣ» рӯнамоӣ шуд.

*Ситоиш зарар дорад, аммо зарари накуҳиши беасос бештар аст.*
*Леонардо да Винчи*



ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

# Мавқеи Тоҷикистон

## ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

**2.БАСТАИ ҲУҶҶАТҲОИ СОЛҲОИ 1958-1959:**

Ин ҳуҷҷатҳо дар натиҷаи кори комиссияи дуҷониба «Оид ба ҳалли масъалаҳои обу замин байни ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Қирғизистон» ба вуҷуд омадаанд, ки бо қарори Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Қирғизистон аз моҳи феврали соли 1958 ташкил гашта, ду сол фаъолият намуд. Вазифаи асосии ин комиссия на муайян ва аломатгузорӣ намудани тамоми хатти сарҳади ду кишвар, балки ҳалли баҳсҳои истифодаи обу замину чарогоҳ ва сарҳад дар қитъаҳои мушаххаси хоҷагиҳо ва ноҳияҳои наздисарҳадӣ дар ҳудуди шаҳри Исфара ва ноҳияи Ботканд буд. Комиссияи дуввуми муштарак аз 17-уми марти соли 1959 таъсис гашт, ки бояд ҳудудҳои байни ноҳияи Лайлаки Қирғизистон ва ноҳияҳои ҳаммарзи Ғончӣ, Нов ва Конибодоми Тоҷикистонро муайян мекард. Узви ин комиссияҳои муштарак, муовини раиси Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон Георгий Кошлаков низ қайд кардааст, ки вазифаи ин комиссияҳо на таъйин кардани хатти марз дар тамоми сарҳади ду ҷумҳурӣ, балки ҳалли масъалаҳои истифодаи дурусти обу замин дар дохили як кишвар буд.

Бар хилофи таҷрибаи нокоми соли 1949, ҷониби Қирғизистон дар солҳои 1958-1959 талоши расмият бахшидани азхудкунии заминҳои дар ихтиёрдоштаашро «аз поён» оғоз карда, аввал ба имзо шудани «шартнома» ё мувофиқатнома байни мақомоти ноҳияҳои Исфараи Тоҷикистон ва Бодканти Қирғизистон (бо имзои муовинони якуми раиси ин ноҳияҳо) ва сипас ба имзо шудани ин санад аз тарафи раисони вилоятҳои Ленинобод ва Ӯш (дар сатҳи котибони аввали вилоятҳо) муяссар шуданд. (Он вақт вилояти Бодкант вуҷуд надошт ва дар ин қитъаҳо Тоҷикистон ба вилояти Ӯш (Ош) ҳаммарз буд.) Мутаассифона, дар ин санадҳо ба масъалаи заминҳои зикршуда ҳамчун ҳудудҳои як кишвар (ИҶШС) муносибат шуда, бар хилофи санадҳои расмии солҳои 1924-1932 бахше аз заминҳои таърихӣ ва қонунии ноҳияи Исфараро барои истифода дар ихтиёри ноҳияи Баткенти вилояти Ӯши кишвари ҳамсоя қарор доданд.

Дар қадами баъдӣ соли 1959 Шурои вазирони Қирғизистон бо мактуби расмӣ ба Шурои вазирони Тоҷикистон муроҷиат намуд, ки натиҷаҳои кори ин комиссияҳо ва созишномаҳои ҳосилшуда дар сатҳи ноҳияҳо ва вилотяҳоро эътироф намуда, ин заминҳоро ба ихтиёри Қирғизистон гузорад. Аммо дар ҳамон сол Шурои вазирони Тоҷикистон бо мактуби расмӣ дархости Шурои вазирони Қирғизистонро бори дигар рад карда, тағйири марзҳоро «ба таври дипломатӣ» ба ваколати мақомоти ИҶШС ҳавола намудааст.

Бинобар ин, ҳуҷҷатҳои ниҳоии комиссия соли 1958-1959 низ аз ҷониби Тоҷикистон пазируфта нашуда, дар сатҳи Тоҷикистон ва ИҶШС расмиёт ё протседураҳои зарурӣ давлатӣ барои тибқи қонунгузории ИҶШС гирифтани мақоми ҲУҶҶАТИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ ДАВЛАТИро нагузаштаанд. Яъне аз назари қонунгузории Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қурби ҳуқуқии ҳуҷҷати муайянкунандаи сарҳади байни ҷумҳуриҳоро надоранд.

Албатта, бо сабаби он, ки натиҷаҳои кори ин комиссия бештар ба нафъи Қирғизистон буданд, 30-юми марти соли 1961 ҳуҷҷатҳои он аз ҷониби Президиуми Шурои Олии Қирғизистон ба таври якҷониба тасдиқ ёфтаанд, аммо тавре ишора шуд, онҳо аз ҷониби Тоҷикистон танҳо дар сатҳи роҳбарияти мақомоти маҳаллӣ (шаҳри Исфара ва собиқ вилояти Ленинобод) мувофиқа ва имзо гаштаанд.

Вале, тавре муайян гашт, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи сарҳад бояд баъди қабули қарор аз ҷониби Шуроҳои Олии ҳар ду ҷумҳурӣ, аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС низ тасдиқ мегардид. Пас, ҳамчун асоси музокироти сарҳадӣ истифода намудани ин ҳуҷҷатҳо дуруст ва имконпазир нест.

**3.БАСТАИ ҲУҶҶАТҲОИ СОЛИ 1989:**

Шояд бастаи ҷиддитарини ҳуҷҷатҳое, ки ҷониби Қирғизистон дар баҳси марзӣ ба онҳо такя кардан мешавад, натиҷаҳои кори комиссияи дуҷонибаест, ки пас аз низоъҳои ҷиддии сарҳадӣ соли 1989 бо қарорҳои алоҳидаи Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои вазирони ҶШС Қирғизистон барои муайян намудани сарҳади давлатӣ таъсис ёфт. Бо тафовут аз комиссияи соли 1958, ки асосан барои ҳалли баҳсҳои истифодаи обу замин дар минтақаҳои наздимарзӣ таъсис ёфта буд, вазифаи комиссияи муштараки соли 1989 маҳз МУАЙЯН КАРДАНИ ХАТТИ САРҲАДИ ДУ КИШВАР ДАР ТАМОМИ ТӮЛИ ОН буд. Пас аз моҳҳои фаъолият, ин комиссия дар ҳақиқат хатту ҳолати аксари қитъаҳои марзии байни ду кишварро ба таври ҷузъию тахассусӣ тасвир намуд. (Ин аст, ки тибқи маълумоти ВКХ ҶТ аз 23.09.2022, ҷониби Тоҷикистон дар ин масъала нармиш нишон дода, барои дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамчун маводи корӣ истифода намудани ин харитаву ҳуҷҷатҳо низ розигӣ додааст).

Аммо мушкили асосӣ дар он буд, ки маҳз ҳамин комиссия хатти сарҳадро бо тафовути зиёд аз сарҳадҳои расмии солҳои 1924-1927 ва 1932 тасвир намуда, дар натиҷа, бахше аз заминҳои баҳсиро ба ҳудуди Қирғизистон ҳисоб карданӣ шуда, аз ҳисоби заминҳои қонунии Тоҷикистон даҳ анклавро дар ҳудуди Қирғизистон муайян карда буд. Ҷониби Қирғизистон натиҷаҳои кори ин комиссияро, ки асосан ба нафъи ин кишвар буд, дар сатҳи олии қонунгузорӣ тасдиқ намуда, аз ҷониби худ ба он расмият бахшид.

Аммо Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон пас аз баррасии натиҷаи кори комиссияи мазкур онро қабул ва тасдиқ накарда, бо қарори худ аз 26 октябри соли 1989, таҳти №685 ба қисми тоҷикистонии комиссия супориш дод, ки корҳоро дар самти дақиқ кардани хати сарҳади давлатӣ бо назардошти асосҳои таърихию ҳуқуқӣ, яъне ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1932 идома диҳад.

Ҳамин тавр, боз ҳам мутобиқи Конститутсияи ИҶШС аз 1977 ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 маводи хулосавии комиссияи муштараки соли 1989 «Оид ба муайян кардани гузариши хати сарҳади давлатӣ байни ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Қирғизистон» расмиёти давлатиро нагузашта, ҳамчун ҳуҷҷати муайянкунандаи сарҳади давлатӣ байни кишварҳо эътибор пайдо накардааст. Сипас, бо қарори Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 23 апрели соли 1991, таҳти №106 комиссияи нав таъсис дода шуд, ки вазифаи он низ баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои баҳснок дар сарҳад бо Қирғизистон буд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои кори комиссияи муштараки соли 1989 ҳатто дар Палатаи миллатҳои парлумони Иттиҳоди Шуравӣ шунида ва баррасӣ гашта буд, аммо ин ниҳоди олии ИҶШС низ онро тасдиқ накард. Тибқи маълумотҳои такроршаванда, дар ин маврид Раиси палатиаи миллатҳои СССР Рафиқ Нишонов ба ҳукумати Тоҷикистон телеграмма ирсол намудааст, ки дар он аз бекор карда шудани натиҷаҳои кори комиссияи муштараки соли 1989 хабар дода мешавад. Ин ҳолатҳо низ нишондиҳандаи расмияти зарурии давлатӣ наёфтани ҳуҷҷатҳои соли 1989 аст.

Ҳамин тавр, баррасиҳои мушаххас бори дигар нишон медиҳад, ки ҳар се бастаи ҳуҷҷатҳое, ки Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳуҷҷатҳои даврони шуравӣ (1949, 1958-1959 ва 1989) барои музокироти марзӣ асос қарор доданӣ мешавад, эътибори зарурии ҳуқуқию қонунӣ надошта, ҲАМЧУН САНАДИ БАЙНИДАВЛАТӢ БАРОИ МУАЙЯН КАРАДНИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ АСОС ШУДА НАМЕТАВОНАНД. Ин аст, ки ҳуҷҷатҳои солҳи 1924-1927 ва 1932 то имрӯз низ ҳамчун охирин ҳуҷҷатҳои устувор дар муайян кардани воқеияти таърихӣ ва хатти сарҳади давлатӣ боқӣ мемонанд.

**7. «САРҲАДҲОИ МАВҶУДА» Ё БОЗӢ БО ҲУҶҶАТҲО ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ**

Бо истиқлоли давлатӣ ёфтани Тоҷикистон ва Қирғизистон, аз соли 1991 баҳси сарҳадӣ низ ба марҳилаи комилан нави худ ворид шуд. Акнун ду ҷониб ҳамчун кишварҳои мустақил бояд хатти сарҳадии худро ҳамчун сарҳади миёни ду давлати мустақил муайян ва эътироф мекарданд. Ду кишвар истиқлол ва ягонагии ҳудудии ҳамдигарро ба таври расмӣ эътироф намуда, шартномаи дӯстӣ ва даҳҳо санадҳои дигари дӯстиву ҳамкорӣ ба имзо расониданд. Аммо ҳам ихтилофи амалӣ ва ҳам баҳси ҳуҷҷатҳо байни ду ҷониб дар марҳилаи нав низ идома ёфта, ҷиддитару печидатар шуд.

Дар ин марҳила низ Тоҷикистон дар гуфтугӯҳои марзӣ ҳуҷҷатҳои соли 1924-1927 ва соли 1932-ро ҳамчун асоси муайянкунандаи сарҳадҳои давлатӣ ба роҳбари гирифт ва мегирад. Аммо ҷониби Қирғизистон як силсила ҳуҷҷатҳои давраи истиқлолро низ ба «ҳуҷҷатҳои такягоҳӣ»-и худ афзудааст, ки масъаларо боз ҳам мураккабтар мекунанд.

Муҳимтарини онҳо санадҳое, чун «Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 8 декабри соли 1991, «Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 12 июли соли 1996 (ш.Душанбе), Оинномаи ИДМ, Эъломияи Алмаато аз 21 декабри соли 1991, Эъломияи Москва аз 15 апрели соли 1994 ва ғ. мебошанд. Ин ҳуҷҷатҳо дар ҳақиқат санадҳои усулӣ ва муҳимми муайянкунандаи муносибати байни ду кишвар ва кишварҳои узви ИДМ ба ҳисоб меравaнд, аммо ҳамчун ҳуҷҷати муайянкунандаи сарҳади давлатӣ асос қарор додани онҳо бисёр баҳсбарангез ва номумкин аст.

*(Давом дорад)*

*Абдуллоҳи РАҲНАМО,*
*коршинос оид ба масъалаҳои байналмилалӣ*

МАҲКУМ

***Баъд аз барҳам хӯрдани ИҶШС дар аввали солҳои навадуми асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли кишварҳои дигари собиқ Шуравӣ ба марҳилаи нави инкишофи давлатдорӣ ворид гардид. Фаъолияти давлату ҳукумат ва ҷомеаи Тоҷикистон дар он замон мебоист барои мустаҳкамсозии давлатдории миллӣ, дар шароити нав роҳандозӣ кардану инкишоф додани иқтисоди мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию фарҳангӣ равона мегардид.***

# Омили ноамнии кишвар

Аммо ҷараёни воқеаҳо ва рафти инкишофи вазъияти сиёсии Тоҷикистон дар он замон ба самти хато рафт. Ба ҷойи анҷом ёфтани амалҳои созандагӣ ва устувор гардидани пояҳои давлатдории миллӣ дар натиҷаи иғвогарию дасисабозиҳои наҳзатиҳои ифротӣ дар кишвари мо ҷангу ноором иҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Раванди тараққиёти Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо ба муддати чандин сол қафо монд. Гурӯҳҳои ифротии наҳзатӣ, ки фирефтаи пулҳои муфти хоҷагони хориҷӣ гардида буданд, дар ҳар давру замон мардуми заҳматкаши тоҷикро пешпо додаанд. Онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои ғаразноки худ Тоҷикистони ободу зеборо ба оташи ҷанг кашиданд.

Таҳлилу омӯзиши вазъияти солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки фарқияти асосии кишвари мо аз ҷумҳуриҳои дигари собиқ Шуравӣ мавҷудияти ташкилоти террористии наҳзати исломӣ буд. Маҳз наҳзат омил ва сабабгори асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд.

Мубаллиғони наҳзатӣ дар байни аҳолӣ таблиғоти идеологии худро бар зидди дунявият, сохти конститутсионӣ вусъат доданд ва ақидаҳои динии барои мардуми мо бегонаро паҳн карданд. Оқибати амалҳои манфури наҳзатӣ ба он оварда расонд, ки дар Тоҷикистон фаъолияти сохторҳои давлатӣ фалаҷ гардида, сохти конститутсионӣ барҳам хӯрд, иқтисоди кишвар хароб гардид. Зиёда аз 150 ҳазор шаҳрванди кишвар ҳалок ва ҳазорҳо нафар захмию бенишон ва зиёда аз 2 миллион нафар гуреза шуданд.

Хушбахтона, ақли солим ва бузургиву матонати Пешвои миллат тавонист оташи ҷангро, ки наҳзатиён афрӯхта буданд, хомӯш намояд. Ҳукумати кишвар баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ тамоми хиёнатҳои наҳзатиёнро бахшида, онҳоро ба ватан баргардонид ва ҳатто баъзе мансабҳои давлатиро ба онҳо тақсим намуда дод. Аммо ин чашмгуруснагони паймоншикан ҳамеша мунтазири фурсат барои амалӣ намудани ақидаҳои палидонаи хеш буданд. Ин тӯдаи табоҳкор аз роҳи хатои зиддимардумиашон барнагаштанд ва боз аз пайи амалҳои нопоки хеш шуданд. Оқибат дар соли 2015 даст ба табаддулоти низомӣ заданду ноком шуданд. Бузургиву ҷасорати миллат нагузошт, ки ифротиёни наҳзатӣ бо хоҷагони хориҷиашон суботро ба ҳам зананд.

Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки ташкилоти террористию экстремистии наҳзати исломӣ омили ноамнию хатарзо дар Тоҷикистон мебошанд. Пас аз нокомиҳои худ дар Тоҷикистон наҳзатиҳои ифротӣ фирор карда, дар кишварҳои аврупоӣ паноҳ бурда, бо супориши хоҷагони хориҷӣ фаъолияти тахрибкоронаи худро алайҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода истодаанд. Ин гурӯҳи хурду нотавон бо паҳн кардани хабару матлабҳои дурӯғу иғвоангезона бар зидди Тоҷикистон тариқи сомонаҳои иғвоангези худ ва шабакаҳои интернетӣ мехоҳанд сулҳу суботро дар кишвар халалдор созанд. Дар ин маврид аксари коршиносони масоили сиёсӣ бар ин назаранд, ки террористони наҳзатӣ бо иқдоми ташкили гурӯҳу созмонҳои сунъӣ, ба мисли найрангҳои солҳои 90-уми асри гузашта мақсад доранд, ки амалҳои тахрибкорона ва террористиву эстремистияшонро дар Тоҷикистон такрор намоянд.

Вале ҳар туҳмату буҳтоне, ки ин душманону бадхоҳони наҳзатӣ ба муқобили давлату миллати тоҷик даст мезананд, иродаи миллати сарбаланди Тоҷикистонро боз қавитар мегардонад ва фарзандони миллат дар баробари истодагарӣ бо ин террористони наҳзатӣ шикастнопазиранд.

*Шодмон САЙДАЛИЗОДА,*
*устоди ДМТ, номзади илмҳои филологӣ*

Мураббии кӯдакистони №72-и ноҳияи Фирдавсӣ Малика Саидова ғолиби даври шаҳрии озмуни «Мураббии сол-2022» дар шаҳри Душанбе гардид.

| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n],* job [ *jəb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfis],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaild], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hrlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keɪdʒ]* |
| **Қиматбахо** | драгоценный | *voluable [væljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, кувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpaʊə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |





Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætərˌdeɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [əˈʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [əˈgri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city [ˈsɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion [ˈlaɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem [ˈpəʊɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet [ˈpəʊɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution [ˈkɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pəˈhæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪˈspekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪˈeɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration [ˈdekləˈreɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [əˈnaunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:ˈnaɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | uniformly [junifo:mli] |
| **Якчанд** | несколько | *several [ˈsev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [təˈgeðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday [ˈsʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon [ˈwepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan [ˈɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪˈfrɪdʒəreɪtə],* fridge *[frɪdʒ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream [ˈaɪsˈkri:m]* |



# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ

## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

Душанбе
2022

| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think ['θɪŋk], opinion [ə'pɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport ['eəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪ'pa:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

**Х**

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information['ɪnfə'meɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people['pi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:baɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation ['grædʒu'eɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu ˈgrædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service ['sɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent['saɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [ə'pa:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: ['stʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory ['mem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister ['sɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome ['welkəm]* |

**Ҳ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool['swɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather['weðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane ['e(ə)rəpleɪn]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal ['ænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ˈma:njʊmənt], statue['stæʧu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pə'pleksɪtɪ]; amazement [ə'meɪzmənt], astonishment [ə'stɔnɪʃmənt], surprise [sə'praɪz]* |





**А**

| Тоҷикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature ['lɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number ['nʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice ['ʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious ['preʃəs], esteemed [ɪ'sti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪn'telɪʤ(ə)ns], intellect mind ['ɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire ['faɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder ['fɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier ['səulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈraʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale ['fe(ə)rɪteɪl], story ['stɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals ['mɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population ['pɔpju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [ma:k], omen, ['əumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪ'kju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

**Б**

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪk'spreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ˈpa:rtɪ], public reception associated with weddings ['pʌblɪk rɪ'sepʃ(ə)n ə'səuʃieɪtid wɪð 'wedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international ['ɪntə'næʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪ'twi:n 'sɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit ['egzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tu: fə'gɪv], let off [ˈlet ˈɒf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['remɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

**Ё**

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt əv 'a:kɪ'tekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪ'membə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪ'lev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[ə'sɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъҷилӣ** | скорая помощь | *ambulance [ˈæmbjʊl (ə)ns],emergency assistance [ɪ'mɜ:ʤ (ə)nsɪ] [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ˈdʒæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

**Ж**

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔ:laʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [maga'zen] journal['ʤɜ:n(ə)l]* |

**З**

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, ['læŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steit 'læŋgwɪʤ], official language [ə'fɪʃ(ə)l 'læŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, ['pɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman [ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ˈfi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌka:mpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ˈfri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ˈfæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror [ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ˈkɪtʃɪn], national café [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

**П**

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[tə'mɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning ['mɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father ['fa:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentərˈteɪn], to receive [tu: rɪ'si:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers ['fɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton ['kɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [sə'ʤesʧ(ə)n], proposal [prə'pəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead ['fɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion ['ʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful ['fru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

**Р**

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number ['nʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [da:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour ['kʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture ['pɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tu: gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪ'heɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit [ˈvɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader ['li:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday ['hɔlɪdɪ],Vacation* |

| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaıld], son [sʌn], boy [bɔı]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ˈʧaıldıʃ], children's [ˈʧıldrənz], for a child [fɔ:(r) əʧaıld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hju:ˈmænıˈte(ə)rıən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital [ˈhɔspıtl]* |

**В**

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hi:], she [ʃi:], it; [ıt him [hım], her [hɜ:]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [li:f]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔ:t]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman [ˈspɔ:tsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rıˈleıʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland [ˈhəumlənd], motherland [ˈmʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [dəˈmestık], native [ˈneıtıv], Patriotic [pætriˈɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity [ˈju:nıtı] reconciliation [ˈrekənsılıˈeıʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise [ˈprɔmıs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region [ˈri:ʤ(ə)n], province [ˈprɔvıns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dıˈpendənt], related [rıˈleıtıd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ıˈvent] incident [ˈınsıd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[təˈbi: [ləuˈkeıtid] , to be situated [təˈbi: ˈsıtueıtid]* |
| **Волидайн** | родители | *parents [ˈpe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu mi:t wıð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu gri:t], to shake hands [tu ʃeık hændz]* |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper [ˈnju:sˈpeıpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taı]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spi:k]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒɔˈkeıʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeılz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [trænsˈleıʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies [ˈstʌdıs],learning [ˈlɜ:rnıŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu ˈstʌdı]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ıkˈspı(ə)rıəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday [ˈhɔlıdı], vacation [vəˈkeıʃ(ə)n] (for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [əˈpɔləʤı], excuse [ıkˈskju:s]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean [ˈəuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences [ˈsaıəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laıf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lıv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ın ˈʤen(ə)rəl], overall [ˈəuvərˈɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general[ˈʤen(ə)rəl], public [ˈpʌblık]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs [ˈkʌstəmz], habits [ˈhæbıt]* |
| **Усто** | мастер | *master [ˈma:stə], foreman [ˈfɔ:mən], skilled workman [skıldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop [ˈwɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher [ˈti:ʧə],mentor [ˈmentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady[ˈstedı], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty [ˈdju:tı], responsibility [rıˈspɔnsəˈbılıtı], task [ta:sk], job [ʤɔb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu ˈʌndəˈstænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuıkˈspleın]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [təˈmɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraı], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaıld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture [ˈkʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season[ˈsi:z(ə)n]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[vəˈkeıʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feıs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deı]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day [ˈwɜ:kıŋdeı]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [sku:l ˈrekɔ:dbok], newspaper [ˈnju:sˈpeıpə]* |

**С**

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question [ˈkwesʧ(ə)n]* |
| **Саёҳат кардан** | путешествовать | *to travel [ tu ˈtræv(ə)l]* |
| **Сайёҳ** | турист | *tourist [ˈtu(ə)rıst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwız], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləu(ð)z]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber [ˈba:bə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border [ˈbɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peıʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[kla:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kənˈstrʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaıl]* |
| **Табиат** | природа | *nature [ˈneıʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈda:ktər], physician [fıˈzıʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kənˈgrætjuˈleıʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ınˈvaıt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition [ˈrepıˈtıʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turıˈpi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wa:tʃ],see [si:];spectacle [ˈspektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body [ˈbɔdı]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrıŋıŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace [ˈneklıs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гирду атроф** | окресности, пригород | *suburbs [ˈsʌbɜ:bz]* |
| **Гирифтан (гир)** | взять | *to take [tu teık]* |
| **Гиря кардан** | плакать | *to cry [tu kraı]* |
| **Гул** | цветок | *flower [ˈflauə]* |
| **Гулдон** | ваза | *vase [va:z]* |
| **Гӯянда** | говорящий, произносящий | *narrator [nəˈreıtə], speaker [ˈspi:kə]* |
| **Гӯсфанд** | овца, баран | *sheep [ʃi:p]* |
| **Гӯшт** | мясо | *meat [mi:t]* |

**Ғ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрирасмӣ** | неофициальный | *unofficial [ˈʌnəˈfıʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin [ˈvaıəˈlın ]* |
| **Ғунҷидан (ғунҷ)** | помещаться | *place [pleıs], to contain [tu kənˈtem]* |
| **Ғубор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

**Д**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steıt], country [ˈkʌntrı]* |
| **Давра** | круг, круговорот | *circle [ˈsɜ:rkl], rotation [rəuˈteıʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуляться | *to go around [tu gəu əˈraund] a walk [əwɔ:k]* |
| **Дарача** | степень | *degree [dıˈgri:]* |
| **Даркор** | необходимый, нужный | *necessary [ˈnesəs(ə)rı],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laı daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut buk]* |
| **Девор** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village [ˈvılıʤ]* |
| **Диққат** | внимание | *attention [əˈtenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [ha:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday [ˈjestədı]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, [ˈmeds(ə)n] remedy* |

*Оне, ки ба қадри умр намерасад, сазовори зиндагӣ нест.*
*Леонардо да Винчи*



МУЛОҲИЗА

# Омӯзиши таърих – василаи муҳими худшиносӣ

***Таърих оинаи миллат аст ва донистани он ба рушди маънавӣ ва дарки воқеияти замон мусоидат мекунад. Халқи тоҷик дорои таърихи ғанӣ буда, ҳамчун миллати тамаддунсозу ваҳдатофар дар рушди ҷаҳони маънавии башар хидмат кардааст. Имрӯз ба омӯзиши таъриху фарҳанг дар муассисаҳои таълимӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро зинаи аввали худшиносиву худогоҳии насли наврас донистани таъриху фарҳанги хеш мебошад.***

Ман ҳамчун омӯзгори таърих кӯшиш менамоям, ки дарсҳоямро бо истифода аз аёният рангину ҷолиб гузаронам, то шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши таърих бештар гардад. Дар ин самт омӯзиш ва пешниҳоди осори бадеии таърихӣ (роман ва повестҳои таърихӣ) дар дарсҳо низ ба шавқманд гардидани хонандагон мусоидат мекунад. Осори бадеии таърихӣ тавассути тасвири унусурҳои бадеии ҷолибу хонданӣ ба хонандагон дар масъалаи дарки воқеаву рухдодҳои таърихӣ кумак мерасонад. Ҳамин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи омӯзиши таъриху фарҳанги миллӣ ва баланд бардоштани худшиносии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» чоп ва дастраси ҳар як хонадон гардид. Дарвоқеъ, китоби мазкур арзиши баланди илмӣ дошта, заҳмати чандинсолаи устод Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки оламиёнро бо таърихи рангину ғании миллатамон шинос менамояд. Аз ҷониби дигар, дар замони пуртазоди муосир, масъалаи шинохти миллат ва ҳифзи хотираи таърихӣ моҳияти умумибашарӣ касб карда,




дар масъалаи тарбияи эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ ва баланд гардидани маърифати бештари аҳли ҷомеа мусоидати амиқ менамояд.

Воқеан, асари мазкур дар заминаи ковишу пажуҳишҳои маъхазҳои муътамад ва асарҳои илмии бунёдӣ таълиф гардидааст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи он дар муассисаҳои таълимӣ амри воқеист. Гумон мекунам, зарурате ба миён омадааст, ки бо шакли содаву оммафаҳм тафсири китоби мазкур ва дарси махсус ба номи «Тоҷикон» дар муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ карда шавад. Ин омил имкон медиҳад, ки вобаста ба синну сол ва зинаҳои таҳсил асари мазкур дар муассисаҳои таълимӣ омӯзонида шаваад. Чунки дарку фаҳми китоби «Тоҷикон», ки ба шакли илмию академикӣ таълиф гардидааст, барои хонандагон барои дар хотир нигоҳ доштани факту рақамҳои зиёд ва маърифати давраҳои таърихӣ мушкил аст.

Шоистаи таъкид аст, ки дар ин замина бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллат, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи қаҳрамонони таърихӣ, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» дар соли 2023 баргузор мегардад, ки қадами устуворро дар шинохти бештари таъриху фарҳанг мегузорад.

Аз ин рӯ, мо – омӯзгоронро зарур аст, ки баҳри омӯзиши ҳаматарафаи таърихи ниёгон ва ҷалби бештари хонандагон ба омӯзиши он ҳамвора талош намоем, то насли худогоҳу хештаншинос ва ватандӯстро ба камол расонем.

***Исломиддин АШӮРАЛИЕВ,***
***омӯзгори таърихи мактаби №141-и ноҳияи Рӯдакӣ***

ДАРСИ ТАРБИЯВӢ

# Тарбияи ифтихори миллӣ дар байни хонандагон

***Баргузор намудани машғулиятҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳадафу ғояи муайяну мушаххасро доро мебошад. Хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ интихоб ва пешниҳоди мавзуъҳои тарбиявию ахлоқӣ барои дар руҳияи худогоҳию эҳсоси ватандӯстӣ ва ормонҳои миллӣ тарбия намудани шогирдон аҳамияти калонеро доро мебошад.***

Хонандаи зинаи ибтидоии таҳсилот шабеҳи ниҳолакест, ки акнун неру гирифтаву оҳиста-оҳиста сабз мешаваду нумуъ меёбад ва ба боғбони дилсӯзе, ки ӯро аз ҳар гуна бодҳои шадид ва сармою хазон нигоҳдорӣ менамояд, ниёз дорад. Аз ин рӯ, мо-устодонро зарур аст, ки шогирдонро дуруст тарбия намоем, машғулиятҳои тарбиявиро дар муҳлати муайяншуда баргузор намоем, зеро як лаҳза аз тарбияву назорат дур шудани хонанда боиси воқеаҳову низоъҳои кучаку бузург шуданаш мумкин. Пеш аз ҳама, ба шогирдон одобу фазилатҳои неки инсонӣ, аз қабили салом, ҳурмати омӯзгорону устодон, волидону бузургсолон, муносибати дӯстонаю самимӣ бо ҳамсинфон, нигоҳ доштани забон аз сухану алфози беҳуда ва қабеҳ, одоби муоширать, рафтор дар роҳ, кӯча ва дохили васоити нақлиётро бо мисолҳои ҷолибу муассир ва ибратомӯз тавзеҳу тафсир кардан лозим аст. Машғулияти тарбиявӣ бояд бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади бадеию таърихӣ, педагогӣ ҳадафрасу ҷаззоб ба роҳ монда шавад. Таври мисол, ҳангоми баргузор намудани дарси тарбиявӣ дар мавзуи «Ватан, меҳрат ба дил ҷо шуд» маводу андӯхтаҳои заруриро аз осори бадеӣ (насрию назмӣ) ба шогирдон дастрас менамоем. Онҳо ҳар яке ҳангоми гузарондани машғулият дар меҳвар қарор дошта, шеъру порчаҳои насриро, ки ба васфу ситоиши ватан бахшида шудаанд, мутолиа ва аз ёд мекунанд. Қитъашеъру пораҳои насрӣ аз эҷодиёти шоирону нависандагони адабиёти классикии форсу тоҷик то адибони муосир интихоб ва пешниҳоди шогирдон мешавад. Тавре медонем, оҳангҳои меҳанпарварона ва эҳсоси баланди миллӣ дар достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Хонандагон қитъашеърҳоро аз «Шоҳнома» дар бораи ватану ватандорӣ аз ёд гуфта, дар хусуси шуҷоати қаҳрамонони достон, амсоли Рустам, Суҳроб, Фаридун, Манучеҳр, Сиёвуш, Исфандиёр, Гурдофарид ва дигарон маълумот дода, пораҳои насриро аз китоби дуҷилдае, ки устоди каломи бадеъ, нависанда Сотим Улуғзода бо номи «Достонҳои Шоҳнома» дар шакли наср таҳия намуда буд, қироат мекунанд. Аз адибони муосир, устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир… дар ситоиши ватан шеъру достонҳои пурмуҳтаво ва мондагоре офаридаанд, ки таҳлилу тавзеҳи ин осор бо шогирдон дар тарбияи ифтихори миллӣ ва ватанпарвари онҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ҷумла, тамоми шеъру достонҳои шоири шаҳири тоҷик, шодравон Мирзо Турсунзода ба васфи ватан ва сулҳу озодӣ бахшида шудаанд. Вай дар бораи бузургию шукӯҳмандии ватан дар яке аз шеърҳои худ ҳамчун фарзанди содиқу вафодор хеле хоксорона мефармояд:

*Ин қадар дар дилписандӣ*
*дилписанд астӣ, ватан*
*Дар сари тасвири ҳуснат кас*
*намеёбад сухан.*

Ватанро дӯст доштан кам аст, дар ҳама гуна лаҳзаҳои мушкил ба ҳифзу ҳимояи он тайёр будан (на дар сухан, балки дар амал) рисолати фарзандии ҳар як меҳанпарвари ҷонфидо мебошад. Зеро ватан модар аст, имрӯзу фардои мост.

***Сайёдати МАЙДОНИЁН,***
***омӯзгори мактаб-интернати ҷумҳуриявии ба номи М. Атоев***

ИНКИШОФИ НУТҚ

# Омили комёбӣ ва оғози хуб

***Бо мақсади аз хурдӣ ба хонандагон омӯзондани шакли дурусти калима ва маънии луғавии онҳо омӯзгорро лозим аст, ки танҳо ба китоби дарсӣ такя накарда, аз адабиёти иловагӣ низ истифода намояд.***

Яке аз равандҳои асосии кори таълиму тарбияи насли наврас дар мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ, инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон мебошад. Ҳарчанд ки оид ба дарси инкишофи нутқ дар барномаҳо соат ҷудо кардаанд, аммо оид ба чӣ тавр ва бо кадом роҳ ташкил кардани дарсҳои инкишофи нутқ (ба ҷуз баъзе мақолаҳои таҷрибавии бархе аз омӯзгорон дар саҳифаҳои нашрияи «Омӯзгор» ва дигар нашрияҳои соҳавӣ) дигар дастурамали амиқе, ки мукаммалтар бошад, таҳия ва пешкаши мо, омӯзгорон, нагардидааст.

Дуруст аст, ки мақсаду мароми таълими фанҳои забону адабиёт дар таълимгоҳҳо ривоҷу равнақ бахшидан ба ду самти нутқи хонандагон – инкишофи нутқи хаттӣ ва нутқи шифоҳии онҳо равона шудааст. Яке аз шаклҳои маъмули гузаронидани инкишофи нутқи хаттӣ имлои санҷишӣ мебошад, ки дар асоси барнома ва маҷмуаҳои матни диктантҳо гузаронида мешавад. Бо вуҷуди ин, масъалаи инкишофи нутқи шифоҳӣ дар вазъи ногувор аст, ҳол он ки дар барномаҳои таълимӣ вобаста ба синфҳо соатҳои аниқ ва сарлавҳаи номҳои умумии матнҳо, ки дарёфти он ба зиммаи омӯзгор вогузор шудааст.

Маълум, ки бо сабаби камтаҷрибагӣ баъзе омӯзгорон дар асоси барнома номи мавзуъро дар журнали синф қайд кунанд ҳам, ба ҷойи он дигар мавзуъро мегузаранд, ҳол он ки барои гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи шифоҳӣ чи дар адабиёти классикӣ ва чи муосир чунон мавод фаровон аст, ки дарёи беканори пургавҳареро мемонад.

Бояд донист, ки ҳар як дарс сохти ягона надорад ва тарзи гузаронидани онро худи омӯзгор бояд эҷод намояд. Ба тав-



ри дигар гӯем агар, ҳар як омӯзгор бояд бо усули эҷодкорона қаблан нақшаи ҳар як дарсашро дар олами андешаҳояш тарҳрезӣ намояд, чун адибе, ки ба эҷоди ягон асар шуруъ карданист. Омӯзгори эҷодкор ҳамонест, ки қабл аз шуруи дарсаш дар назди хеш вазифа мегузорад, ки кадом мавзуро мегузарад, барои чӣ мегузарад ва чӣ мақсад дорад.

Ҳаминро ҳам таъкид кардан бамаврид аст, ки дарсҳои инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон бояд аз оила ибтидо гирад. Бинобар он, диққат додани волидон, бахусус, модарон ба нутқи шифоҳии кӯдакон ҳанӯз аз давраи хурдсолиашон басо муҳим аст. Дар ин синну сол метавон хатоҳои онҳоро саривақт ислоҳ кард, вагарна дар синфҳои болоӣ ба мушкилӣ дучор хоҳанд шуд.

Роҳи дигари инкишофи нутқи шифоҳии шогирдон азхуд кардани порчаҳои шеър ва қироат кардани матнҳои манзум аст, ки он ҳам бояд аз синфҳои поёнӣ сарчашма гирад.

***Саодат АМИРОВА,***
***омӯзгор***

Дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Маркази илмию таҳқиқотии публитсистика ба номи профессор Асадулло Саъдуллоев» таъсис ёфт.

*Маслиҳат аз оне пурс, ки метавонад ба худ пирӯз шавад.*
*Леонардо да Винчи*

«Омӯзгор»
№ 51, 22 декабри
соли 2022

БА ОЗМУНИ «НАҚШИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ТАТБИҚИ СОЛҲОИ РУШДИ САНОАТ»

# Неруи тавоно дар татбиқи ҳадафҳои воло

*Аз он ҳодисаи фараҳбору гуворо ва ифтихорбарангез-ҷумҳурии соҳибистиқлол эълон гардидани Тоҷикистон беш аз 30 сол сипарӣ гашт. Ҳангоми суханронӣ ба муносибати сисолагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сентябри соли 2021) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарбаландиву ифтихормандӣ иброз доштанд, ки дар давоми сӣ сол кишвари маҳбуби мо дар тамоми соҳаҳо пеш рафт, ҳаёти осоиштаву саодатмандонаи мардум таъмин гардид, созандагиву бунёдкорӣ авҷ гирифт ва Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон чун давлати муваффақу дороиояндаи дурахшон шинохтаву эътироф шуд.*

Пешрафту комёбиҳои тадриҷии Ватани азизамон, пеш аз ҳама, дар Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ ба таври возеҳу равшан, дар оинаи далелу рақамҳои воқеӣ ифода меёбанд. Ҳар як Паёми Сарвари кишвар ҳукми саодатномаи миллатро дорад ва роҳи фардои ҷумҳуриро мунаввартар месозад, ҳар як Паём, дар баробари он ки як соли гузаштаро бознигарӣ мекунад, вазифаҳои муҳимтарини аҳли мамлакатро барои соли нав ва марҳилаҳои навин дақиқан муайян менамояд, ҳар як Паём илҳомбахш ва неруафзои ҳамагон мешавад, ҳар як Паём сафҳаи тозаеро дар ҳаёти сокинони кишвар ифтитоҳ мебахшад.

Мо хуб медонем, ки дар дарозои даҳсолаҳои аввали соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар заминаи сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Пешвои миллат дар кишвар барои дастрасӣ ба ҳадафҳои муҳими стратегӣ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ талош варзида шуд ва метавон гуфт, ки имрӯз Ватанамон ба ин ҳадафҳои саодатбахш комилан дастрасӣ пайдо кардааст. Акнун вақти он расида, ки ҳадафҳои навину муҳим ва ояндасозу таъмингари зиндагии бештар осудаҳолонаи мардум пайгирӣ карда шаванд. Барои ин, аз назари коршиносон, дар шумори омилҳои дигар (аз ҷумла, рушди кишоварзӣ) тақвияти иқтидори саноатии мамлакат бағоят муҳим аст. Бо дарки амиқи ин омил Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ (21 декабри соли 2021) чунин иброз доштанд: **«Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, равандди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, Солҳои рушди саноат эълон карда шаванд».**

Ҳаёт собит кардааст, ки дар тараққию инкишофу комёбиҳои ҳар кишвар, пеш аз ҳама, соҳаи саноат нақши муҳим бозидааст. Дар аҳди мо дар саросари сайёра, дар тамоми давлатҳо ба такомули соҳаи саноат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад ва маҳз ба шарофати равнақи ин соҳа мамлакатҳои алоҳидаи ҷаҳон ба ҷаҳиши бузург дар самти таъмини амнияту некуаҳволии аҳолӣ ноил гардидаанд. Садаи бисту як марҳилаи таърихии бесобиқа дар инкишофи илму техника эътироф шудааст ва инсоният дар соҳаи саноат ба кашфиёти ҳайратовар ноил гардидааст. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистони тозаистиқлоли мо рушд бахшидан ба саноат талаби айём аст ва ба ин кор ҳар як сокини кишвар бояд ҳиссагузор бошад.

Илму маориф дар рушди мамлакат омили нерумандтарин ва калиди комёбӣ ба шумор меравад. Илм, ки онро бо маориф метавон тавъам донисту ҳамчун вожаҳои ҳаммаъно қабул кард, заминагузори ҳама гуна пирӯзиҳост ва барои расидан ба кулли ҳадафҳои хайрхоҳона ба ҳамагон мадад мерасонад. Бузургони мо илмро «қуфлкушои ҳама дарҳо» гуфтаанду хурду калонро ба илмомӯзӣ ҳидоят кардаанд, то дар зиндагӣ, дар кор, дар ҷомеа ҳамеша муваффақу комгор бошанд. Шоир ва донишвари барҷаста Камолиддин Биноӣ дар ин росто фармудааст: «Илм барҳамдиҳандаи заҳри зиндагӣ ва нурбахши роҳи наҷот аст».

Албатта, дар расидан ба ҳадафи навбатии стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат маҳз маориф ва илм қувваи боэътимодтарину тавоно хоҳанд буд. Дар ин самт маориф ва илм чӣ тадбирҳоеро метавонанд амалӣ созанд, чӣ нақше метавонанд бигзоранд?



Пеш аз ҳама, ончунон ки Сарвари кишвар борҳо таъкид кардаанд, бояд сатҳу сифати таълиму тарбияро боз ҳам такмил бахшид, боло бурд. Ҳар қадар насли наврас бо илму дониш бештар фаро гирифта шавад, ҳамон қадар бовар ба он, ки фардо дар соҳаи саноат мутахассисони варзида сари кор хоҳанд омад, меафзояд. Ҷои баҳс нест, ки муҳимтарин омили муваффақият дар ҳар соҳа маҳз мутахассисони мумтозу кордон мебошанд. Эълони Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) дар мамлакат, ки бо ибтикори хирадмандонаи Пешвои миллат ба вуқуъ пайваст, ба татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат таъсири файзбахш хоҳад гузошт, зеро барои омодасозии мутахассисони созгори замони муосир омӯзиши фанҳои техникӣ дар сатҳи баланд гарави асосист. Ба назари мо, барои он ки соҳаҳои илму маориф имрӯзу фардо дар амалисозии ҳадафҳои ватанпарваронаи Солҳои рушди саноат нақши шоиста дошта бошанд, муҳимтар аз ҳама, тадбирҳои зеринро пайгирӣ бояд кард:

1.Роҳандозии иртибoти ҳамешагии ниҳодҳои мухталифи соҳаҳои илму маориф вобаста ба нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти гуногуни соҳаи саноат, аз ҷумла, тавассути мубодилаи таҷрибаю афкор, баргузор кардани машваратҳои муштарак ва ҳамоишҳои гуногун.

2. Ташкили робитаи мунтазами аҳли илму маориф бо кормандони соҳаи саноат, бо коргоҳҳои азим ва ояндасози кишвар ва дар ин замина бештар омӯхтани заруриёту мушкилоти соҳаи саноат ва саҳмгузорӣ дар гиреҳкушоии печидагиҳои соҳа.

3. Ҳар чи мукаммалтар таҷҳизонидани кабинетҳои фанҳои дақиқ ва таъмини таълимгоҳҳо бо мутахассисони варзидаву соҳибтаҷриба.

4. Ҷалб намудани таваҷҷуҳи насли наврас ба омӯзиши амиқи фанҳои техникӣ бо мақсади омодасозии мутахассисони шоиста барои фардои соҳаи саноат.

5. Ба коргоҳҳои саноатӣ ба саёҳат бурдани шогирдон ва ташкили мулоқоти онҳо бо кормандони соҳаи саноат.

6. Дар дарсҳои тарбиявӣ суҳбату муҳовараҳо оростан дар мавзуъҳои «Соҳаи саноат – омили рушди мамлакат», «Ҳадафҳои Солҳои рушди саноатро бояд донист», «Маълумот дар бораи саноати Тоҷикистон», «Чӣ тавр мо метавонем дар рушди саноати мамлакат ҳиссагузор бошем?»

…Дар Ватани азизамон соҳаи саноат ба таври муназзам рушд меёбад; коргоҳҳои нав ба нави истеҳсолӣ бунёд мегарданд, роҳҳо обод ва нақбҳо канда мешаванд, биноҳои муҳташам қомат меафрозанд ва конҳои тозаи маъдан мавриди истифода қарор мегиранд. Соҳаи энергетикаи мамлакат босуръат тараққӣ мекунад ва яке аз муҳимтарин соҳаҳои ояндасози Тоҷикистон ба шумор меравад. Чунонки Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ изҳор доштанд дар доираи Солҳои рушди саноат дар кишвар бояд беш аз 500 ҳазор ҷойи нави кор таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз ду баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонда, дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад. Сарвари кишвар, ҳамчунин, вазифа ба миён гузоштанд, ки дар давоми панҷ соли оянда дар ҷумҳурӣ беш аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонда, содироти он ду баробар афзуда шавад. Ба ин васила, ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26 фоиз расонда, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад.

Албатта, ин ҳама ҳадафҳои хеле бузургу хушбинонаанд ва ба таъмини фардои дурахшони мамлакат мусоидат мекунанд ва дар ин самт аҳли илму маориф нақши калидӣ доранд ва хоҳанд дошт.

***Наргис ҶӮРАЕВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии гимназияи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

РИЁЗӢ

# Пайдоиши истилоҳоти математикӣ

Маълум аст, ки ҳар як мафҳуму истилоҳоти математикӣ марҳалаҳои таърихии худро доро мебошанд. Аз ҷумла, рамзи интегралро математики немис Готфрид Лейбнитс (1646-1716), ки дар қатори Исаак Нютон (1642-1727) асосгузори ҳисоби дифферентсиалӣ ва интегралӣ маҳсуб меёбад, соли 1675 дохил кардааст. Худи калимаи интегралро Якоб Бернулли соли 1690 пешниҳод карда буд. Истилоҳи ҳисоби интегралӣ, ки соли 1696 Иоганн Бернулли дохил кардааст, шохаи нави математика ҳисоб шуда, асосан ба тарзҳои ёфтани функсияи ибтидоӣ машғул буд. Ҳисоби интегралӣ аз муоинаи масъалаҳои зиёди табиатшиносӣ ва математикӣ пайдо шудааст. Муҳимтарини ин масъалаҳо-масъалаи физикавии ёфтани масофае, ки ҷисми суръаташ тағйирёбанда дар муҳлати муайян тай мекунад ва масъалаи ёфтани масоҳату ҳаҷми фигураҳои геометрӣ, ки масъалаи хеле қадима аст, мебошанд.

Аз соли 1797 сар карда, истилоҳи функсияи ибтидоӣ ва ҷои истилоҳи “функсияи сода”, ки онро франсуз Жозеф Лагранж (1713-1813) дохил карда буд, пайдо шуд. Бисёр ғояҳои ҳисоби интегралиро математикҳои Юнони Қадим ҳангоми ҳалли масъалаҳо оид ба ёфтани квадратураҳои (масоҳатҳои) фигураҳои ҳамвор, инчунин, ёфтани кубатураҳои (ҳаҷмҳои) ҷисмҳо пешгӯӣ карда буданд. Дар ин қатор, пеш аз ҳама, бояд Евдокс (408-355-и пеш аз милод) ва Архимед (287-212-и пеш аз милод)-ро номбар кард. Асри XVII асри рушду камол ёфтани ҳисоби интегралӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра вай ба шохаи мустаҳками илми математика мубаддал мегардад. Ҳамчун намуна чанд кашфиёти ин давраро меорем. Пиер Ферма (1601-1665) соли 1692 масъалаи ёфтани квадратураи хати каҷи Y=Xn-ро , ки дар ин ҷо n адади бутуни дилхоҳ аст, ҳал намуд. Ин ҳалро истифода карда, ӯ якчанд масъаларо оид ба ёфтани маркази вазнинӣ ҳал кард. Иоган Кеплер (1571-1630) барои ҳосил кардани қонунҳои ҳаракати сайёраҳои ғояи интегронии тақрибиро истифода бурд. Исаак Барроу, ки устоди Нютон буд, алоқаи байни интегронӣ ва дифферентсиониро хеле хуб дарк карда буд. Назарияи соф илмии ҳисоби интегралиро Нютон ва Лейбнитс пешниҳод кардаанд. Онҳо аз ғояҳои дар ҳалли масъалаҳои хусусӣ истифодашуда, назарияи умумиро сохта, формулаеро кашф кардаанд, ки ҳоло номи онҳоро дорад. Дар асри оянда методҳои анализи математикӣ боз ҳам инкишоф ёфтаанд. Дар ин кор, пеш аз ҳама, Леонард Эйлер ва И.Бернулли саҳмгузоранд. Эйлер тадқиқи системавии интегронидани функсияҳои элементиро ба итмом расонид. Дар инкишофи ҳисоби интегралӣ олимони рус М.В.Остроградский (1801-1862), В.Я.Буняковский (1804-1889), П.Л.Чебушёв (1821-1894) фаъолона иштирок кардаанд. Аз ҷумла, Чебушёв нишон дод, ки интегралҳои функсияҳои элементарӣ метавонанд, функсияҳои элементарӣ набошанд. Ин натиҷаи барҷастаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо дар асри XIX баёни қатъии назарияи интеграл бо кӯшиши олими немис Бернхард Риман (1826-1866) ва франсуз Гастон Дарбу ба вуҷуд омад. Дар ибтидои асри XX аз тарафи математикҳои франсавӣ Анри Лебег (1875-1941) ва Андрэ Данжуа (1884-1974), математики рус Александр Хинчин (1894-1959) такмили гуногуни мафҳуми интеграл пешниҳод карда шуданд.

***Гулхумор ТУХТАРОВА,***
***омӯзгор***

БУНЁДКОРӢ

# Иқдоми нек

Донишгоҳи Осиёи Миёна дар Тоҷикистон дар ободонию созандагии ВМКБ корҳои шоёнеро анҷом дод. Бо иқдоми донишгоҳ дар деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон аз соли 2021 сохтмони кӯдакистони замонавӣ барои 150 ҷой бо маром идома дорад. То ҳол дар ин иншоот 40 фоизи корҳо анҷом дода шуда, дар соли 2023 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода хоҳад шуд. Тибқи лоиҳа барои сохтмони кӯдакистон 5 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда, дар он то имрӯз бо харҷи 2 миллион сомонӣ сохтмони бино ба субут расонида шудааст.

Таъмиру тармими кӯдакистони рақами 1-и маркази ноҳия низ бо маблағгузории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва ноҳия оғоз шуд. Аз ҷониби мақомоти вилоят 80 ҳазор ва аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 35 ҳазор сомонӣ барои таъмир ҷудо гардидааст. Аз тарафи фарзандони баруманди ноҳия низ барои таъмири кӯдакистон 200 ҳазор сомонӣ илова гардид.

***Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

**Соли 2023 дар шаҳри Душанбе мусобиқаи сатҳи ҷаҳонӣ «Grand Prix» оид ба дзюдо баргузор мегардад.**

ИННОВАТСИЯ

# Далелҳои ҷолиб оид ба информатика

***Ҷомеаи муосир бидуни истифодаи технологияи компютерӣ фаъолият карда наметавонад. Информатика ба мо тарзи кор бо компютерро меомӯзад. Илми компютер назар ба он, ки мо фикр мекунем, хеле фарохтар аст. Аз ҷиҳати истифода он аз илми математика кам нест.***

Дар замони мо бе информатика пешравӣ нест, чунки аксари комёбиҳои мо дар ҳамаи соҳаҳо ба истифодаи он вобастагии комил дорад. Инак чанд маълумот оид ба информатика пешкаши дӯстдорони соҳаи техникӣ мегардад.

1. Олимони соҳа бори нахуст, соли 1957 дар бораи илми информатика сухан ба миён оварданд.

2. Дар аввал фақат соҳаи техникӣ информатика номида шуда, коркарди автоматии маълумотро бо ёрии компютер амалӣ мекард.



3. Нахустин мошини электронии ҳисоббарорӣ (МСМ) дар ИҶШС соли 1948 ба қайд гирифта шуда буд, ки онро Башир Рамеев сохтааст.

4. Мошини электронии ҳисоббарор дар давоми 6 моҳ сохта шуд ва нақшаҳои мантиқии он дар нимноқилҳо пайваст гардиданд.

5. Дар солҳои 60 – уми қарни гузашта ARPANET прототипи интернет буд.

6. Маъмултарин шабакаи иҷтимоӣ Фейсбук аст.

7. Ҳар моҳ тақрибан 3 миллиард акс аз ҷониби корбарон дар Фейсбук нашр мешавад.

8. Дар тамоми таърихи илми информатика вируси аз ҳама зараровар Letter мебошад.

9. Бузургтарин ва аввалин ҳамлаи компютерӣ бо номи Моррис Ворм буд. Он тахминан 96 миллион доллар зарар расонд.

10. Истилоҳи «информатика» - ро Карл Штайнбух ворид кардааст.

11. Дар аввалин мошинҳои чопии амрикоӣ калидҳо аз рӯйи тартиби алифбо ҷойгир шуда буданд.

12. Дуглас Энгелбарт мушаки компютериро ихтироъ кард.

13. Соли 1936 калимаи «спам» пайдо шуд.

14. Нахустин барномасоз дар дунё зани англис буд, бо номи Ада Лавлес.

15. Асосгузори илми информатика Готфрид Лейбнитс мебошад.

16. Лебедев дар ИДМ аввалин офарандаи компютер буд.

17. Пуриқтидортарин мошини ҳисоббарор супер – компютери ҷопонист.

18. Соли 1900 дар Россия нахустин шабака ба интернет пайваст шуд.

19. Барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои компютерӣ ҷоизаи Тюринг мебошад.

20. Соли 1979 бори аввал эҳсосот ба таври электронӣ бо ташаббуси Кевин Маккензи интиқол дода шуд.

21. Пеш аз пайдо шудани аввалин мошинҳои ҳисобкунӣ дар Америка калимаи «компютер» - ро шахсе меномиданд, ки ҳисобкуниро бо мошинҳои иловагӣ иҷро мекард.

22. Вазни ноутбуки нахустин 12 кг буд.

23. Нахустин компютери матритсаи нуқта соли 1964 бароварда шуд.

24. Почтаи электронӣ соли 1971 таъсис дода шуд.

25. Аввалин домени бақайдгирифташуда SymboIics буд.

26. GoogIe тақрибан 15 млрд. кВт соатро истифода мебарад.

27. Имрӯз тақрибан 1, 8 млрд. нафар ба интернет пайвастанд.

28. Ҳиссаи бештари корбарони интернет дар Шветсия ба қайд гирифта шудаанд.

29. То соли 1995 ба таври ройгон ба қайд гирифтани доменҳо иҷозат дода мешуд.

30. Ҳар дақиқа 10 соат видео ба YouTube бор карда мешавад.

31. Почтаи электронӣ пеш аз интернет ба истифода дода шуда буд.

32. Калонтарин шабакаи компютерӣ аз 6000 компютер иборат аст. Он ба коллайдери калон – Ҳеррон хизмат мекунад.

33. Сабаби маъмултарини вайроншавии компютер резиши моеъ ба клавиатура мебошад.

34. Ҳар рӯз ба шабакаи компютерӣ ба ҳисоби миёна 20 вирус ҳамла мекунад.

35. Нахустин забони барномасозӣ барои компютери электронӣ Shop tcode мебошад.

36. Аввалин провайдери интернет дар таърихи компютерҳо Compusepve ном дошт. Он соли 1969 таъсис ёфтааст ва имрӯз ба AOL тааллуқ дорад.

37. 19 сентябри соли 2005 аз рӯйи шумораи ҷустуҷӯҳои якхела дар Google рекорд гузошта шуд.

38. Истилоҳи «информатика» аз ду калима – «автоматика» ва «информатика» сохта шудааст.

39. Аввалин мошини ҳисобкунакҳои механикии корӣ аз ҷониби Блез Паскал сохта шудааст.

40. Нахустин маротиба информатика ҳамчун фанни таълимӣ дар ИҶШС соли 1985 мавриди истифода қарор гирифт.

41. Ҷоруми апрел ҳамчун рӯзи ҷаҳонии интернет таҷлил карда мешавад.

42. Шахсе, ки дар назди компютер муддати дароз менишинад, дар як дақиқа камаш 7 маротиба чашмак мезанад.

***Раҳмонбердӣ МИРЗАҚУЛОВ,***
***омӯзгор***

ШЕВАИ ТАДРИС

***Бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон гардид. Ҳамакнун ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки барои амалӣ намудани ин тадбири судманд аз усулҳои фаъоли таълиму тарбия ва воситаҳои дигари муассир дар дарсҳои худ васеъ ва мунтазам истифода кунад ва шавқу завқи хонандагонро вобаста ба фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ҳар чи бештар равнақ бахшад. Ман ҳамчун омӯзгори биология ҳамарӯза дар оғози ҳар дарси худ дар муддати панҷ дақиқа аз лаҳзаи ҷолиби «Оё медонед?» истифода мекунам. Дар зер намунаи онро пешкаши ҳамкасбони худ менамоям.***

# «ОЁ МЕДОНЕД?» шавқовар аст

1.Оё медонед, ки қади инсон дар субҳ ба андозаи ноаён баланд мешавад ва то шаб аз нав ҳолати муқаррарии худро мегирад?

2. Оё медонед, ки дили инсон дар як рӯз тақрибан 100 000 маротиба метапад?

3. Оё медонед, ки ҷараёни баландтарини хуни инсон дар гурдаҳои ӯст?

4. Оё медонед шушҳои солим ранги гулобӣ доранд?

5. Оё медонед, ки 12 фоизи инсонҳо хобҳояшонро бо рангҳои сиёҳ ва сафед мебинанд?

6. Оё медонед, ки агар рагҳои инсонро бо ҳам пайваст кунем, ба масофаи гирди замин баробар мешавад?

7. Оё медонед, ки мустаҳкамтарин ва дарозтарин устухони инсон устухони рони пойи ӯ мебошад?

8. Оё медонед, ки бадани инсон зиёда аз 600 мушак дорад?

9. Оё медонед, ки пӯсти инсон ҳазор намуди бактерияҳо дорад?

10. Оё медонед, ки нохунҳои ангуштони даст нисбат ба нохуни пойҳо тезтар дароз мешаванд?

Бовар дорам, ки огаҳӣ аз чунин ахбору далелҳо барои хонандагон хеле ҷолиб аст. Дар баробари ин, завқи хонандагон нисбат ба фанни биология зиёд мегардад.

Ин лаҳзаи дарс, ҳамчунин, ҳисси кунҷкобию ҷӯяндагии шогирдонро тақвият бахшида, доираи назар ва донишҳояшонро вусъат меафзояд. Ба хонандагон супориш додан мумкин аст, ки минбаъд банавбат бо истифода аз китобҳои илмию бадеӣ ва воситаҳои ахбори омма вобаста ба мавзуи «Оё медонед?» гузориш омода намоянд.

Ба ин монанд дар дарсҳои биология дар мавзуъҳои «Чӣ? Дар куҷо? Кай?», «Ин аҷиб аст», «Таърихи баромади истилоҳоти биологӣ», «Биологҳои машҳур ва ихтирооти онҳо»… лаҳзаҳои ҷолибро баргузор кардан мумкин аст.

Такмили таълими шогирдон вобаста ба ҳадафҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф ба тадриси ҳар чи амиқтару бавусъати фанни биология низ мусоидат мекунад.

***Зулайхои ТАЛАБХӮҶА,***
***омӯзгори биологияи мактаби***
***байналмилалии Президентӣ***
***дар шаҳри Душанбе***

ИБТИКОР

# Истеъдодҳои ҷавон дастгирӣ меёбанд

Имсол бори нахуст Форуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе – «Килки сабз» дар пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе барпо гардид, ки давоми мантиқии иқдомоти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар самти дастгирии кӯдакону наврасони эҷодкори пойтахт арзёбӣ гардида, он дар доираи дастурҳои Роҳбари давлат ҷиҳати фароҳам овардани шароити муосиру муассир барои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии кӯдакону наврасон, бо мақсади амалисозии Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2021- 2025, ки бо қарори раиси шаҳри Душанбе аз 21 майи соли 2021, №294 тасдиқ гардидааст, доир карда шуд.




Бо роҳбарии шаҳрдори пойтахт, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар самти дарёфт, рушд ва дастгирии минбаъдаи ҳунару истеъдоди наврасони эҷодкор тадбирҳои амалиро роҳандозӣ менамоянд. Ҳамчунин, дар ин самт муассисаҳои навбунёди таълимии соҳаи маориф бо шароиту имконоти муосиру замонавии дорои таҷҳизоту лавозимоти зарурии таълим мусоидаткунанда мебошанд. Дар баробари ин, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи маорифу фарҳанг, аз ҷумла, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, Маркази дарёфт ва рушди истеъдоҳои назди сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва мактабҳои мусиқиву санъати назди раёсати фарҳанги пойтахт назаррас мебошад.

Бо пайравӣ ба ташаббусҳои беназири Роҳбари давлат соли ҷорӣ бо ташаббус ва сарпарастии шаҳрдори пойтахт озмунҳои шаҳрии «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти қадрдонии молиявии ғолибони онҳо ташкил ва гузаронида шуда, дар назар аст, ки чунин иқдом минбаъд низ роҳандозӣ карда мешавад. Форуми 1 навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе – «Килки сабз» низ иқдоми мантиқии озмунҳои зикргардида буда, бовар ҳаст, ки барои адабиёти миллии тоҷик чеҳраҳои наву тозаро кашф намуда, ҷиҳати эҷоди осори мондагори адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Бино ба ақидаи сардори сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Бахром Исмоилзода, эҷодкорони навқалам беш аз ҳар чиз ба дарсҳои такмили донишу маҳорат ниёз доранд, ки бо дастгирии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар доираи нақшаи чорабиниҳои форум ин кор низ анҷом пазируфт. Вай таъкид намуд, ки саҳми адибони шинохта Акбари Абдулло ва Баҳманёр Муродӣ дар доир намудани дарсҳои маҳорат барои иштирокдорони форум назаррас аст.

Қобили қайд аст, ки бо даъвати масъулини форум дар оғози кор 200 нафар эҷодкори навқалам ҳамовозӣ намуда, барои иштирок дар ҳамоиши мазкур дархост ирсол карданд. Гурӯҳи корӣ асарҳои пешниҳоднамудаи муаллифонро мавриди баррасӣ қарор дода, аз миёни онҳо шаст нафарро ба сифати иштирокчии форум муаррифӣ кард. Ниҳоят, бо дастури мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии пойтахт маҷмуаи шеъру ҳикояҳои иштирокчиёни форумро таҳти унвони «Килки сабз» аз чоп баровард. Чунонки мураттиб ва муҳаррири масъули «Килки сабз» Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим иттилоъ дод, ин китоб аз эҷоди навмашқонаи форум буда, бо мақсади мусоидат, дарёфт ва рушди зеҳнию эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойтахти мамлакат дар соҳаи адабиёт, ҳавасмандгардонии фаъолияти мустақилонаи эҷоди асарҳои назмиву насрӣ аз ҷониби онҳо, тарғиби мутолиаи китоб, ҷалби ҳар чи бештари наврасон барои иштироки фаъолона дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», дар доираи чорабиниҳо ба муносибати эълон гардидани «Соли мутолиаи китоб» (с. 2022) дар муассисаҳои соҳаи маорифи шаҳри Душанбе мураттаб гардидааст. Ин иқдом ҳар сол идома ёфта, чакидаҳои хомаи навқаламон минбаъд низ дар шакли китоби алоҳида чоп хоҳанд шуд.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Дар шаҳри Душанбе ҷиҳати татбиқи Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҳамоиш доир гардид.**

*Одамон ба се гунаанд; онҳое, ки мебинанд; онҳое, ки агар бинмоед, мебинанд ва онҳое, ки ҳеҷ намебинанд.* *Леонардо да Винчи*

«Омӯзгор» № 51, 22 декабри соли 2022

ОМӮЗИШ

# Усулҳои самарабахши таълими забони англисӣ

***Яке аз мушкилоте, ки ҳангоми омӯзиши забони англисӣ барои ҳар як забономӯз пайдо мегардад, дар ёд доштани калимаҳои нав мебошад.***

Дар ин замина, аввал, рӯйхати калимаҳоеро тартиб диҳед, ки шумо онҳоро омӯхта наметавонед ё душворфаҳм мебошанд. Бояд бидонед, ки танҳо ба як бор хондани калима дар хотир доштани он тақрибан ғайриимкон аст. Кӯшиш кунед, ки бо калимаҳои душворфаҳм якчанд ҷумла созед, ин ба таҳкими ибораи дилхоҳ дар хотира мусоидат мекунад, ё шумо метавонед дар куҷо истифода шудани он ё тарҷумаашро ба хотир дошта калимаи аслӣ нигоҳ накарда, бо истифода аз тарҷума калимаҳои заруриро бо забони англисӣ нависед. Пас, дурустии тарҷумаро муқоиса кунед. Кӯшиш ба харҷ диҳед, то аз даҳ калима зиёд истифода набаред. Дар акси ҳол, шумо метавонед танҳо ошуфта гардед. Ғайр аз ин, шумо баъзе ё ҳатто ҳамаи калимаҳоро хато навиштаед, хафа нашавед. Чанд маротибаи дигар кӯшиш кунед ва бешубҳа, муваффақ хоҳед шуд. Ин техникаро ҳафтае се-чор маротиба истифода намоед, кифоя аст.

Хуб аст, ки агар шумо дӯсте ё ошное доред, ки забони англисиро хуб медонад. Дар акси ҳол, шумо метавонед, инро дар форумҳои махсус ё шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо




бошед. Ба унвони мисол, мо метавонем калимаи "resign"-ро баррасӣ кунем, ки дар тарҷума ба маънои "истеъфо" садо медиҳад. Шумо метавонед ҷумлаи зеринро истифода баред: I am sorry, but I must resign "Узр меҳоҳам, аммо ман бояд истеъфо диҳам". Чунин ҷумла ва иборахо дар забони англисӣ хеле зиёданд. Калимаҳое ҳастанд, ки маънохои гуногунро доро мебошанд ва истифодаи чунин усул хеле самарабахш мебошад. Забономӯз метавонад аз луғат калимаҳоро ёфта, маънохои гуногунашонро омӯхта, пас дар ҷумла истифода барад.

Аз коғази вазнин ё картон якчанд чоркунҷаи яхкаларо буред. Дар ҳар кадоми онҳо калимаҳои мушкилро нависед. Шумо метавонед онҳоро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ кунед. Банда як дӯсте дорам, ки дар атрофи компютери кориаш ҳар рӯз на кам аз 3-4 калима ва иборaи наверо насб намуда, мавриди омӯзиш қарор медод ва дар айни ҳол муоширати озод дорад.

Техникаро истифода баред, ки ба навиштани диктантҳо дахл дорад. Дарҳол натарсед, ин хеле сода аст. Як коғазро гиред ва онро ба таври визуалӣ ё бо хаткаш ба ду сутун тақсим кунед. Дар яке калимаҳо ва дар дигараш тарҷумаи онҳоро нависед. Ва пас онро печонед, то шумо танҳо паҳлуи тарҷумаро бинед.

Варақаи дигарро гиред ва ба кунед ва бо ӯ тавассути пайванди видео муошират кунед. Моҳияти ин усул дар он аст, ки шумо муколамаҳоро бо забони англисӣ бо истифодаи калимаҳое, ки барои шумо мушкилӣ доранд, мегузаронед. Моҳияти асосӣ он аст, ки ҳамсуҳбат дарк кунад, ки шумо дуруст сухан мегӯед ё не.

Дар бораи надонистани мавзуи суҳбат хавотир нашавед. Шумо метавонед ҳар мавзуъ ва ҷумлаеро, ки ба мавзуи суҳбат наздик аст, истифода баред.

Агар шумо аллакай рӯйхати шоистаи калимаҳоеро ҷамъ карда бошед, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар хотиратон набошанд, вақти он расидааст, ки худро намоиш диҳед ва ҳис кунед. Бо онҳо як ҳикояи одӣ созед ва дар вақтҳои холигиатон мутолиа намоед. Албатта, маълум аст, ки калимаҳо ва ҷумлаҳо метавонанд мазмунҳои тамоман гуногун дошта бошанд. Аммо шарт нест, ки ҳикоя пурмазмун бошад. Ҳатто агар он як ишораи мазҳака дошта бошад ҳам, ба ёд овардани он хеле осонтар хоҳад буд.

Бори дигар иброз медорам, усулҳое, ки пешниҳод карда шуд, усулҳои коркардшуда ва умумӣ мебошанд. Ҳар як забономӯз метавонад ҳамҷоя бо устодон усулҳои ҷадид ва муосирро интихоб намуда, истифода баранд.

*Умар ҶАЛОЛОВ,*
*устоди коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент*

МАСЪУЛИЯТ

# Оилаи солим – пешрафти ҷомеа

Тарбияи фарзанд вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи волидон ба шумор меравад. Сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанги устувори оила пойдевори мустаҳками ҷомеаи солим аст. Агар дар оила ахлоқи фарзандон мустаҳкам ва ба тарзи зарурӣ рушд ёбад, ягон ниҳод, ё хатари иҷтимоӣ наметавонад ин гуна фарзандро аз роҳи рост ба корҳои бад фирефта созад. Мақоли хуби тоҷикӣ ҳаст, ки мегӯянд: «Сабуксар сабуктар дарафтад ба ҷоҳ».

Ҳар фард таълими ибтидоиро дар оила мегирад. Аз ин ҷост, ки омӯзгори аввалини кӯдак як шахс, пеш аз ҳама, падару модари ӯ ҳастанд ва шахс аввалин дарси ҳаётро маҳз аз онҳо меомӯзад. Оила муқаддастарин зинаи ҷамъият аст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Таълиму тарбияи хуби фарзанд аз оила шуруъ мегардад ва дар натиҷаи ҳамкории омӯзгорону волидон сайқал меёбад». Оилаҳои хуб фарзандони хубро тарбия карда, ба воя мерасонанд. Оилаҳое, ки ба таълиму тарбияи фарзандонашон беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд, дар зиндагӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, волидонро зарур аст, ки то мактабрав шудани фарзандонашон қоидаҳои рафтор, муомилаю муносибати хуб бо калонсолон, ҳамсолон, изҳори миннатдорӣ ва ҳангоми душвориҳо аз калонсолон ёрӣ пурсида тавонистанро ёд диҳанд. Яке аз роҳҳои тарбияи кӯдак дар оила ҳамфикрӣ, эҳтироми тарафайн ва ибрати шахсии калонсолон аст. Падару модар бояд бо кӯдакистон ва муассисаҳои таълимӣ ҳамкории доимӣ дошта бошанд.

Мутаассифона, нафароне ҳастанд, ки аз сифатҳои хуби инсонӣ барканоранд ва тарбияи онҳо ниҳоят душвор аст. Илова бар ин, волидонашон худ одоби комил надоранд ва ҳангоми мурочиат ҷиҳати ислоҳи фарзандон айбро ба гардани мактабу маориф ва омӯзгор бор мекунанд. Дар ҳузури ҳамагон муаллимро таҳқир намуда, фарзандонро тарафдорӣ менамоянд. Ин амал ба ислоҳи одоби наврас садди азим мегузорад. Ақлу хиради кӯдак ҳанӯз хом аст ва ҳар намуди тарбия ё худ одате, ки мунтазам ба кӯдак таъсир мерасонад, он ҳамон равишро мегирад. Падару модар бояд аз овони кӯдакӣ бо фарзандашон дар бораи ахлоқ, росткорӣ суҳбат кунанд ва тарбияи дурустро дар майнаашон ҷо диҳанд. Нашояд, ки назди кӯдак ғайбати кас ва дурӯғгӯӣ кунанд. Ӯ ин хислатро тез қабул мекунад.

Барои фарзандон бой шудан не, балки хушбахт шуданро омӯзонед, чунки фардо онҳо агар ба кор муваффақият ё чизе сазовор шаванд, қадрашро бояд донанд. Аз ҳама муҳим кӯдакро бо донишомӯзӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбият кардан зарур аст, то дар оянда ӯ созандаи ҷомеа ба воя расад.

*Маҳина МАМАДОДИЕВА,*
*мураббии кӯдакистони рақами 2-и шаҳри Хоруғ*

ҲАМОИШ

# Ҳифзи тозагии забон – масъалаи муҳим

Дар ҷаласаи назди Раиси ВМКБ масъала дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди муҳокима қарор гирифт.

Мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ВМКБ Ғолиб Ниятбеков қайд намуд, ки тибқи маълумоти Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ВМКБ масъалаи мазкур то андозае ҳалли худро ёфтааст. Натиҷаи ҷамъбасти солонаи фанҳо дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба забони тоҷикӣ, иштироки бомуваффақияти хонандагон дар озмунҳои умумиҷумҳуриявӣ, ҳуҷҷатгузорӣ дар идораю муассисаҳои давлатию хусусӣ, матни бехатои шиору лавҳа ва овезаҳо, номи мағозаю марказҳои тиҷоратӣ ва ғайраҳо аз қабили онҳоянд.

Раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ зикр намуд, ки равнаку ривоҷи забони давлатӣ дар мадди аввал масъулияти ҳар шаҳрванди кишвар буда, ҳастии миллат то андозае ба ҳастии забони миллӣ вобастагӣ дорад.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва вазъи зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар маркази диққати раиси ноҳияи Шуғнон Ҷумъазода Ҷумъа Шоҳфақир қарор дорад.

Дар сафари навбатӣ раиси ноҳия аз

# Боздид аз муассисаи таълимӣ

муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и деҳаи Рожи Ҷамоати деҳоти Сучон дидан кард. Мактаб ба мавсими зимистонгузаронӣ пурра омода мебошад.

Дар ин сафар раисро директори генералии ширкати «Помир энерҷи» Амирхон Раҳимов ҳамроҳӣ карда, таъмир ва муҷаҳҳаз гардонидани кабинети методии физикаро бар зимма гирифтааст, ки дар рӯзҳои наздик оғоз меёбад.

*Ч.ҚОЗИБЕКОВ,*
*«Омӯзгор»*

СОЗАНДАГӢ

# Дар Дарвоз мактаби Президентӣ бунёд мешавад

Дар шаҳраки Қалъаихум – маркази ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сохтмони мактаби Президентӣ барои 840 хонанда дар як баст ҷараён дорад.

Бинои мазкур то 35-солагии ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад. Таҳкурсии бинои мактаби Президентӣ дар маркази ноҳияи Дарвоз аввали моҳи декабри соли равон гузошта шуд. Дар ҳамин мавзеъ қаблан бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами як ҷойгир буд, ки аввали солҳои панҷоҳуми асри гузашта бунёд шуда буд.



Лоиҳаи мактаби Президентӣ аз ҷониби меъморони ширкати «Gм Партнерс» посухгӯ ба талаботи замон тарҳрезӣ шудааст. Муҳандиси сохтмон Шариф Исҳоқов иброз намуд, ки «бинои таълимгоҳ аз се ошёна иборат буда, дорои 28 синфхона, кабинетҳои фаннӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ, хобгоҳ мебошад ва барои таҳсили хонандагон дар як баст пешбинӣ шудааст.

Бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвоз 102 иншооти хурду бузург ба истифода дода мешавад.

*Зан монанд ба дарахт аст; нодон аз гулаш меандешад, доно аз мевааш.*
*Леонардо да Винчи*



ИСТЕЪДОД

# Пайроҳаи эҷодии бонуи соҳибфазилат

***Вай гоҳо аз навиштан бозистода, ба саҳни ҳавлӣ мебарояд. Аз тамошои манзараҳои табиат, осмону хуршеди босахо, ниҳолону дарахтони хазондида, гулҳои гуногуне, ки дар айёми поиз ранг бадал кардаанд ва ниҳоят, гӯш ба навои сурурбахшу гоҳе ҳузномези мурғон дода, ба олами дигар меафтад.***

Ёдаш меояд, дар тӯли умре, ки насибаш шудааст, хеле корҳоро ба анҷом расонидааст, албатта, ба василаи ранҷу заҳматҳои фаровон, омӯзишу мутолиаи бардавом ва бедорхобиҳои шабурӯзӣ. Магар саҳлу осон амалест, ки марҳала ба марҳала аз пайи касбу пешаҳои зиёде ба суду манфиати ҷомеа хидмат намуда, соҳибному шуҳратёр гардидӣ? На, ин ҳама орзуҳои ширину мақсадҳои дерини ӯ буда, ки мунтаҳо ҷомаи амал пӯшидаанд. Бахти воқеан бузурги як бонуи эҷодкор, маърифатгустар, фарзонаю соҳибдил, ки аз ҳеҷ садду мушкилиҳои рӯзгори пурпечутоб наҳаросида, аз қавле дил ба дарёи риёзату ранҷи қаламкашӣ задааст. Аммо ин роҳ шебу фарозҳои зиёде дошт, ки марҳала ба марҳала, бо иродату азми тамом Гулчеҳрабону онро паси сар намуд. Омӯхту омӯхт, қалам болои авроқи сафед мебурду «сухан бар сухан зам ва қатрае аз хуни ҷигар кам» менамуд. Ҳосили ин талошу ранҷҳо меваҳои шодоби дастовардҳои дарахти ӯ - осори пурмуҳтавою хонданӣ ва ҷолибаш мебошад. Гулчеҳра аз нахустрӯзҳои он ҳангом ки ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дохил шуд, бо донишу лаёқати модарзодии хеш тавонист аз худ дарак диҳад. Меандешиду дарк мекард, ки пайроҳаи эҷод, ба вижа, наср азобу машаққатҳои зиёде дорад, на ҳар ҳаваскор толиби ин роҳ тобу тавони таҳаммули бори сангини навиштану офариданро дорад. Ва ӯ ҳикояву лавҳа ва таронаҳо эҷод мекард, ин ҳосили навмашқонаашро ба устодон нишон медод, ҳароина, камбудию норасоиҳояшро хотиррасон ба дар зимн таъкидаш мекарданд, бештар осори адибони ҷаҳонро мутолиа кунад. Гулчеҳра дар таҳсил ва иштирок дар корҳои ҷамъиятии донишкада низ пешгом буду намунаи ибрати дигар донишҷӯён. Вай гирандаи стипендияи ба номи Садриддин Айнии донишкада ба шумор мерафт. Аммо ӯ якуякбора ба роҳи мураккабу пурпечутоби адабиёт ворид гардида, шаҳди комёбиро начашидааст. Баъди бо дипломи аъло хатм намудани донишкада ба зодгоҳаш баргашта, фаъолияти худро аз омӯзгорӣ оғоз мекунад. Соли 1979 дар радифи панҷ нафар намояндаи ҷумҳурӣ дар ҷаласаи беҳтарин муаллимони ҷавони Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳри Москав иштирок мекунад. Дар ин ҷаласа аз номи намояндагони Тоҷикистон суханронӣ намуда, бо нишони созмони умумииттифоқии ҷавонон (он вақт ВЛКСМ) «Ба муаллими беҳтарини комсомол» сарфароз мегардад, то ҷиддан ба навиштану таълифи асарҳои бешумори насрӣ, Гулчеҳра ба муҷиби донишварию қобилияти хуби созмондиҳӣ дар кор ба вазифаҳои роҳбарӣ пешбарӣ мешавад. Ба сифати котиби Кумитаи комсомолии ноҳияи Фархор, муовини раиси ноҳияи мазкур ва баъдтар мудири бахши тарҷума, таҳрир ва нашри дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурмаҳсул намудааст. Аммо адабиёт ӯро ҳамвора ба худ мекашид ва дар вақтҳои фориғ аз кор, хусусан, шабонгоҳ ба иншои ҳикоя мепардохт. Тадриҷан кӯлбори эҷодияш моломоли ҳикояву тарона ва намунаи тарҷума аз осори адибони рус гардид. Ҳамин тавр, китоби нахустинаш тахти унвони «Як шаб…», соли 2007 аз чоп баромад. Хурсандии Гулчеҳраи пайсипари ҷавони ҷодаи адабиётро ҳадду канор набуд. Вай бо иродати тамом ба омӯзишу мутолиаи осори адибони ҷаҳон машғул гардид, ҳамзамон, такрор ба такрор ба адабиёти классикии форсу тоҷик, ба вижа, асарҳои насрӣ, ки бо забони фасеҳу балеғ ва хушобуранг таълиф шудаанд, рӯ меовард. Тадриҷан китобҳояш пайи ҳам аз нашр мебаромаданд, ки «Қасоси зан» (с.2008), «Бонувони Фархор» (с.2022), «Бӯйи модар» (с.2011) аз ин зумра махсуб меёфтанд. Нависандаи пуркору заҳматқарин ниҳоят ба эҷоди романе бо номи «Чордодарон» оғоз намуд ва дар ин самт муваффақ ҳам гардид. Романи номбурда дар ду қисм соли 2014 ва соли 2015 дар шакли китобҳои алоҳида ба табъ расид. Гулчеҳра Маҳмадизода, хусусан, дар навиштани ҳикоя муваффақ буда, мавзуи навиштаҳояш ҳаёти мураккабу пуртазоди ҳамзамонони мо, муносибатҳои оилавӣ, сарнавишти душвору мушкили духтарону бонувон ба шумор меравад. Бояд хотиррасон намуд, ки асарҳои таълифнамудаи Г.Маҳмадизода ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи адабиётшиносону мунаққидон ва устодони наср қарор дорад. Ҳангоме ки нависанда дастнависи китоби худ – «Бӯйи модар»-ро ба Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар (ҷояш ҷаннат бод!) барои мутолиа пешниҳод мекунад, шоири нуктадону суханшинос ин



дастнависро ба пурраги хондаву андешаҳояшро ба тарзи зайл баён менамоянд:

«… Вақте ки ман мусаввадаи китоби қисса, ҳикоя ва очеркҳои Гулчеҳра Муҳаммадиеваро мехондам, ҳамин андешаҳо ба сарам омаданд. Нависанда зиндагиро бо ҳама тобишҳояш хуб медонад, солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ кор кардааст, бо мардум ва рӯзгори онҳо пайваста алоқа доштааст. Аз ҳамин рӯ, навиштаҳои Гулчеҳра зинда, ҷолиб ва барангезандаанд, онҳо аз сохтакориву рангубору такаллуф орӣ ҳастанд, самимӣ ва дилнишинанд. Забони нависанда нарму сода ва бисёр ором аст. Хатто дар ҳиссаи «Қотил» воқеан даҳшатбор бисёр орому солорона баён мешавад. Ман умед дорам, ки Гулчеҳрабону бори пуршарафи эҷодкориро ҷасурона ба дӯш мебардорад ва хонандагони худро пайваста шодком мегардонад».

Воқеан, нависандаи пурмаҳсулу хушсалиқа Г.Маҳмадизода дар айни авҷи камолоти эҷодӣ қарор дорад. Вай пайваста аз пайи иншои ҳикояву қиссаҳои ҷаззобу воқеӣ, ки реша дар зиндагии нохамвори мардум дорад, мебошад. барои кӯдакон низ ҳикояву афсонаҳои бешуморе таълиф намудааст, ки ба ин маҷмуаҳои «Ору ва шоҳпарак», «Афсонаи товус», «Дунёи бачаҳо», «Яке буд, яке набуд…», «Кабӯтари сулҳ», «Гули лола», «Ғалабаи Ситора», «Офтоби оламоро», «Тӯй дар беша», «Меҳмони кайҳонӣ» (як қисми ин китобҳо ба забонҳои русӣ, англисӣ, арабӣ тарҷума шудаанд) мисол шуда метавонанд.

Г.Маҳмадизода якчанд сол пайи ҳам дар озмуни ҷумҳуриявии «Китоби сол» иштирок намуда, бо Дипломи Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ қадрдонӣ гардидааст. Китобҳояш «Афсонаи товус», соли 2017, «Яке буд, яке набуд…», соли 2018 ва соли 2019 (бо таҳрири нав), соли 2020 китоби сол дониста шуданд. Ҳамчунин, драмаи «Печутоби тақдир»-и нависанда дар озмуни драманависони сазовори Диплом ва соли 2017 дар озмуни қиссанависҳо дар шаҳри Теҳрони Эрон иштирок намуда, соҳиби ҷойи аввал гардидааст.

Хидматҳои содиқонаи нависанда бо медали «Хизмати шоиста» (с.2001) ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (с.2021 қадрдонӣ шуда, мавсуф аз соли 2010 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Китоби сол - 2022» китоби нависанда Гулчеҳра Маҳмадизода «Тӯй дар беша» дар номинаи насри кӯдакона сазовори ҷойи дуюм гардид. Нависандаи ҷӯянда ва соҳибзавқро бо ин дастоварди эҷодӣ шодбош гуфта, ба ӯ фатҳи қуллаҳои нави эҷодиро таманно мекунем.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

ЗАҲМАТҚАРИН

# Талошманду кӯшо

***Ҳар киро дар зиндагӣ устодест. Чӣ муаллиму чӣ духтур, чӣ ронанда ва чӣ коргару бофанда ҳама устодону шогирдони худро доранд.***

Омӯзгорӣ аз касбҳои бошарафтарин мебошад. Яке аз омӯзгорони шарафманд Акаҷон Қаландаров мебошад.

Ин омӯзгори варзида собиқаи беш аз нимасраи корӣ дошта, дар рушди соҳаи маориф саҳми арзанда гузоштааст. Устод дар ин муддат садҳо шогирд тарбия кардааст, ки имрӯзҳо номбардори устоди худ ҳастанд ва ҳар гоҳ ба дидорбинии устоди худ омада, аз ин шахси бомаърифату донишманд маслиҳатҳои муфид мегиранд.

Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Акаҷон Қаландаров соли 1934 дар ноҳияи Файзобод (деҳаи Ғашён) дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Оилаи онҳо соли 1950 ба деҳаи Ҷӯйбодоми ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) кӯч мебандад.

Номбурда баъд аз хатми мактаби миёнаи деҳа, соли 1961 ба факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ дохил мешавад ва онро соли 1966 бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аъло хатм мекунад.

Акаҷон Қаландаров фаъолияти омӯзгориаш хешро аз соли 1962 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62 (то соли 2021 МТМУ №63 ноҳияи Рӯдакӣ буд, ҳоло МТМУ №116-и ноҳияи Сино) ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик оғоз кардааст. Пасон дар мактабҳои гуногун дар ноҳияи Рӯдакӣ дар вазифаҳои ҷонишини директор ва директор фаъолият доштааст.



Устод барои фаъолияти пурсамараш дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукофотонида шудааст.

Соли 2018 барои хизматҳои шоён дар ҷодаи маориф ва тарбияи насли наврас устод Акаҷон Қаландаров бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардид. Устод айни ҳол дар иҳотаи фарзандону наберагону аберагон давлати пирӣ меронад.

*Умеда ИШҚУЛОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №116, ноҳияи Сино*

# Умри пурсамар

Устод ҷиддӣ, вале ҳамеша меҳрубон буданд. Чун дар қироати шогирде ғалате мерафт, сукут мекарданд ва сонӣ бо далелҳои зиёд оид ба имлою вазни шеъру тарзи қироат ҳарф зада, ислоҳи ғалат мекарданд. То ҳол мушоҳида накардаам, ки кори хаттиро чун устод касе ин қадар дақиқ ва комил тафтиш ва баҳогузорӣ карда бошад. Мӯшикофона, бо ишораҳои ғалатҳои имлоию услубӣ ва хатто бо нишон додани хатоҳои графикӣ. Аз ин ҷост, ки шогирдони устод, фарзандонашон низ ҳусни хати зебои он касро доранд.

…Бо ҳидояти устод ба пайраҳаи некашон қадам мондем. Омӯхтем забон ва адабиёт, дарси одамият, хештаншиносӣ…

Ба нафақа баромаданд устод. Мо донишҷӯ шудему омӯзгор. Устод ҳамоно алифбои муаллимии мо буданду ҳастанд.

Мегуфтанд, ки муаллим актёр бояд бошад ва худ чунин буданд. Ҳангоми таҳлили образҳо амали каланд дар китф – Фарҳодро ба хотир меоварду тасвири морони Заҳҳок – нишони бераҳмӣ ва Нӯшервони Одил мешуданду панд меҳонданд.

Дар зери ҳамин навои таълиму тадриси устод оҳанги зиндагӣ омӯхтем ва то имрӯз меомӯзем.

Барои чандин насли деҳа устод Ҳоҷӣ Тоғбойи Карим ҳаққи устодӣ ва мураббигӣ доранд. Ҳоло ҳам корафтодагон наздашон мераванду саводи худро комилтар мекунанд. Аксари собиқ шогирдонашон ба устодӣ расидаанду ҷумлае нафақахӯранд, гурӯҳе пайи вазифаҳои ҷамъиятиянд ва дар ҳар амали хеш нақши устодро эҳсос мекунанд.

Ҳақ ба ҷониби фарзанди устод-Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш, ки ин образи накуро офаридааст:

*Шогирдонат шоири миллат гаштанд,*
*Ё номварони халқу давлат гаштанд.*
*Аз домани хоксори ту ворастанд,*
*То ҳамнафаси фатҳу нусрат гаштанд.*

…Устод донандаи беҳамтои адабиёту забони тоҷикианд.

Чун сари мисраю байте, вожае пурсиш шавад, луғатномаи бузургро мемонанд, ки тавзеҳаш аз шарҳҳои тару тоза иборат аст.

Маҳорати баланди шеъргӯӣ, шеърфаҳмӣ, шеършиносӣ доранд. Мавзуъро хуб мефаҳманду меёбанд. Забони шеърашон дилкашу дорои тасвирҳои рангин. Соҳиби китобҳои «Сафарнома», «Зардолузори Зарафшон», «Боғи нав», «Айнии мо» ва чанд китоби дигаранд.

Бо тавсияи иттиҳодияи методии забон ва адабиёти тоҷик ҳамчун дастури методӣ омӯзгорони ин фанҳо ҳангоми таълими ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ дар синфҳои 11 аз дастурҳои устод Ҳоҷӣ Тоғбой васеъ истифода менамоянд.

…Устодро дар назди таълимгоҳ дидам. Ҷобуку чаққон. Дар бар либоси корӣ, дар забон байте (одаташон замзамаи зери лаб). Бо ҳамин роҳ ба сӯи боғи навбунёдашон, ки дар мавзеи лаби рӯди Зарафшон ҷойгир аст ва бо номи Боғи Ниёба вирди забонҳост, шитоб доштанд, то ҳолати зимистонии дарахтону ниҳолонро бубинанд. Дил ба ин одат кардааст. Устод пайи эҷоду ободгарию боғпарварию корҳои хайр, некию накукорӣ бо рӯи сурху тани солим ба остонаи 90-солагӣ қадами пирона гузоштанд, ки муборакашон бод.

*Маъруфи ҲИСОМ,*
*Ғолиб ҲАСАНОВ*

Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» баррасӣ шуд.

*Нодониву ҷаҳолат модари ҳирсу ҳасодат ва ҳама гуна нуқсу гуноҳ аст.*
*Галилео Галилей*



НИГАРОНӢ

# Агар шароит фароҳам оварда шавад...

*Соли 1959 нахустин муассисаи таълимие, ки дар деҳаи зебоманзари Сариҷашмаи ноҳияи Шамсиддини Шоҳин таъсис ёфт, мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим буд, ки то имрӯз фаъолияти пурсамар дорад.*

Айни ҳол дар муассисаи мазкур 124 хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, ки аксари онҳо ятиму бепарастор ва аз оилаҳои камбизоат мебошанд. Мактаб – интернат дорои се бинои асосӣ, маҷлисгоҳ, ошхона барои 100 нафар, ҳаммом, китобхона бо толори хониш, майдончаю толори варзишӣ ва хобгоҳи замонавӣ барои 180 хонанда мебошад. Дар муассисаи мазкур тарбиятгирандагон, ҳамчунин, имкон доранд, ки технологияи компютерӣ ва забонҳои хориҷиро дар сатҳи зарурӣ аз худ намуда, аз озмоишгоҳҳои фаннӣ ба таври васеъ истифода намоянд. Дар мактаб-интернат барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия тамоми шароитҳои зарурӣ муҳайё карда шудааст. Барои мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии таълимӣ дар мактаб – интернат 11 кабинети таълимии фанҳои физика, химия, математика, забони англисӣ, технологияи иттилотӣ, забони модарӣ ва таърих бо тахтаи электронӣ, видеопроэктору, компютерҳо ва дигар васоити аёние, ки барои баланд гардидани сифати таҳсил мусоидат мекунанд, муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҳамчунин, барои дарстайёркунии тарбиятгирандагон 10 синфхона омодааст. Кабинети технологияи иттилоотӣ дорои 43 адад компютер, принтер ва тахтаи электронӣ буда, ба шабакаи доимии ИНТЕРНЕТ тариқи ZTE WCDMA пайваст мебошад. Фонди захиравии адабиёти бадеӣ дар китобхонаи мактаб-интернат ба 16 ҳазору 862 нусха мерасад. Тамоми намуди китобҳои дарсӣ барои хонандагон ба тариқи ройгон дастрас мебошад.

Раванди таълиму тарбия дар мактаб-интернат аз рӯи равияи умумӣ ҷараён мегирад. Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар асоси нақшаи тасдиқгардида фаъолият намуда, назорати таълиму тарбияро беҳтару хубтар ба роҳ монда, сол то сол ба нишондиҳандаҳои назарраси таълимӣ ноил гардиданд. Аз мушоҳидаҳо ва ҷамъбасти чоряки якум соли таҳсили тарбиятгирандагони мактаб-интернат бармеояд, ки сифати таълим беҳтар гардида, аз 124 нафар хонандаи синфҳои 5-11 бо баҳои «аъло» 14 нафар (11%), бо баҳои «хуб» 67 нафар (54%) ва бо баҳои «миёна» 44 нафар (35%) мехонанд. Ин гувоҳи он аст, ки шогирдони мактаб – интернати мазкур нисбат ба солҳои пеш дорои донишҳои хуби техникиву технологӣ мебошанд.

Мутаассифона, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассиса, мушкилоту проблемаҳои ҳалталабе ҳастанд, ки садди роҳи беҳбудии таълиму тарбия мешаванд. Аз ҷумла, таъмирталаб будани бинои таълимӣ, нарасидани оби нӯшокӣ куҳнаву фарсуда шудани асбобу анҷоми озмоишгоҳҳои фанҳои химия, биология ва физика аз ин қабил махсуб меёбанд. Аз ҳама муҳим надоштани либоси низомӣ барои гузаронидани дарсҳои омодагии дифоӣ мебошад. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки хобгоҳи тарбиятгирандагон ва маҷлисгоҳ таъмирталаб буда, аз ҳисоби сметаи хароҷотии мактаб-интернат маблағ кифоягӣ намекунад. Ҳамасола рӯзҳои иду ҷашнҳои милливу давлатӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, соҳибкорону шахсони саховатпеша ба ятимону бепарасторон кумакҳои моддӣ расонида мешуданд, - мегӯяд сарвари муассиса С. Абдураҳмонзода иброз дошт, ки тайи солҳои охир кумаку дастгирӣ кам аст.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023




**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

**Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам**

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

**СУРАТҲИСОБИ МО**

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

СӮГВОРӢ

## Рауф Сангинов



Рауф Сангинов 19 июли соли 1937 дар шаҳри Бухоро дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Волидонаш иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон буданд. Оилаи Сангиновҳо соли 1945 ба пойтахти Тоҷикистон кӯчидааст. Рауф Сангинов соли 1948 ба шуъбаи созҳои тори (сози скрипка)-и мактаби мусиқии ба номи П.И. Чайковский, ки он вақт дар болохонаи Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ҷойгир шуда буд, дохил шудааст. Солҳои 1957-1959 ба сифати ҳунарманди Театри давлатии академии ба номи Лоҳутӣ оғози фаъолият кардааст. Пасон, ба Консерваторияи давлатии ба номи П.И. Чайковский (ш. Маскав) дохил шуда, соли 1967 онро бо тахассуси навозанда скрипка хатм менамояд. Ба шаҳри Душанбе баргашта, ба Институти педагогии Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шавченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) аз рӯйи ихтисоси скрипка ба донишҷӯён дарс додааст. Ҳамчунин, дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ба сифати ҳунарманди оркестр дар гурӯҳи якуми скрипканавозон кор кардааст. Соли 1967 Институти санъати Тоҷикистон кушода шуд ва дар он ҷо низ устод ба сифати омӯзгори скрипка ба ба кор пардохт. Зимни фаъолияти корӣ дар мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи З. Шаҳидӣ устод Рауф Сангинов ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, бобати таълиму тарбияи кадрҳои соҳаи мусиқии касбӣ саҳми босазо гузоштааст. Зумрае аз шогирдони устод Р. Сангинов барандагони озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалиянд. Барои хизматҳои бардавому пурсамараш устод бо як қатор нишону ифтихорномаҳо, аз ҷумла, бо ордени «Шараф» ва нишони «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» мукофотонида шудааст.

Моҳи декабри соли 2022 дар 85-солагӣ устод Рауф Сангинов аз олам чашм пӯшид. Ёдаш ба хайр!

ПЕШРАФТ

## Бунёди кӯдакистони замонавӣ дар шаҳри Истиқлол

Дар маҳаллаи 1-уми шаҳри Истиқлол бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва саҳмгузории Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой боғчаи бачагона сохта мешавад.

14 декабр зимни сафари корӣ ба шаҳри Истиқлол Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода бо ҷараёни корҳои сохтмонии кӯдакистони мазкур шинос гардид. Ба иттилои масъулин, муассисаи томактабӣ дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, намояндагони Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой уҳдадор шудаанд, ки корҳои сабзу хуррамгардониро низ вусъат бахшида, ҳудуди муассисаи томактабиро чароғон намоянд.

Кӯдакистони навбунёд мутобиқ ба замони имрӯз сохта шуда, бо супориши раиси вилояти Суғд минбаъд бо маркази гармидиҳии худӣ таъмин карда мешавад. Айни ҳол дар шаҳри Истиқлол ду муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо 252 нафар таълим мегиранд. Ҳамзамон, дар назди чор муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 6 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 130 нафар таъсис дода шудааст.

ЭЪЛОН

## Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**барои ишғоли вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психология озмун эълон менамояд:**

**Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

-ариза ба номи директори коллеҷ оид ба иштирок дар озмун;
-варақаи шахсӣ;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (доштани собиқаи беш аз 5-солаи корӣ дар соҳаи маориф ва илм);
-ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи илмӣ;
-рӯйхати маводи нашрӣ дар 5-соли охир;
-нусха аз ҷаласаи кафедра ва Шурои олимони факултет (барои кормандони коллеҷ);

Суроға: коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кӯчаи С.Сафаров 16.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0270154, ки онро соли 2016 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Қудратова Сумайрахон Ҷамолхоновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №148852 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1980 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Закиряева Садбарг Нидовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи ШТС 0101475 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2004 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Варзоб ба Турсунова Қимат Тоҷиддиновна додааст, эътибор надорад.

**Гурӯҳи дӯстон ва хешовандон аз шаҳри Душанбе ва ноҳияи Айнӣ аз даргузашти нобаҳангоми фарзанди Шоири халқии Тоҷикистон Қутбӣ Киром КОВА КИРОМ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори таслият ва ҳамдардӣ мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир* *Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир:* *Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора* *Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Таррох: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.